آوازتاجیک

Бани одам аъзои якдигаранд!

# Овози тоҷик

Рўзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рўзнома: «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ўзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1964-1991).

18 июни соли 2022
Шанбе
№ 49 (14854)

сайт http://ovozitojik.uz/,
e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

*Мақсади навбатии боздидам аз маркази мазкур ин аст, ки бароятон нерў бахшам ва умедатонро пурзўр кунам. Ин озмоиш барои ҳамаи мост. Мо чун давлат тамоми дониш ва зарфияти худро барои пирўзӣ аз болои ин беморӣ бояд истифода намоем. Мо бояд ба падару модарон кумак намуда, бачагонро дастгирӣ кунем, барои табобат намудани онҳо тамоми имконотро истифода кунем.*

**Шавкат МИРЗИЁЕВ,**
**Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон**

# ЭЪТИБОР БА САЛОМАТИИ МОДАР ВА КЎДАК



## Президент Шавкат Мирзиёев 17 июн бо фаъолияти Маркази бачагонаи гематология, онкология ва иммунологияи клиникӣ шинос гардид.

**Роҳбари давлат аз бинои куҳнаи ин муассиса 14 майи соли гузашта боздид намуда буд. Дар он вақт беморхона ба сифати Маркази ҷумҳурии гематология фаъолият дошт, ки ҳам барои калонсолон ва ҳам барои бачагон дар як ҷо хидмат мерасонд. Аз сабаби таъминоти нокифои доруворӣ ва вуҷуд надоштани усулҳои замонавии табобати кимёӣ самаранокии табобат на бештар аз 30 фоизро ташкил менамуд.**

**Шароит дар бино инчунин ташвишовар буд. Дар як палата се-чор нафарӣ бемор хоб мекарданд, хонаҳои санитарӣ умумӣ буд. Барои ҳар як бемор хўрокворӣ рўзе ба микдори 11 ҳазор сўм ҷудо карда мешуд. Ними таҳлилҳои лабораторӣ дар клиникаҳои шахсӣ анҷом дода мешуд.**

**Пас аз дар марказ ин аҳволро дидан, суҳбат бо падару модарон ва мутахассисон Президент 27 майи соли 2021 қарорро «Дар бораи минбаъд такмил додани низоми хидматрасонии гематологӣ ва онкологӣ ба аҳолӣ» имзо намуд. Бинобар ҳуҷҷат шуъбаи бачагонаи гематология ва онкология ба маркази алоҳида табдил дода шуд. Барои чунин муассиса бинои нав дар кўчаи Арнасойи ноҳияи Чилонзори Тошканд ба баҳрабардорӣ супурда шуд, ки аз моҳи январи соли ҷорӣ фаъолияти он шурўъ гардид.**

**Роҳбари давлат бо шароитҳои ин ҷо шинос гардид.**

**Шумораи катҳо дар маркази нав аз 85-тои пешин то 160-тои имрўз зиёд гардид. Чӣ барои бачаҳои бемор ва чӣ барои падару модарони онҳо шароитҳои алоҳида ба вуҷуд оварда шудааст.**

**Ҳоло дар ин ҷо 101 кўдак табобат мегардад. Ба онҳо беш аз 130 духтур, аз он ҷумла 38 ходими илмӣ, садҳо хоҳарони шафқат хидмат мекунанд.**

**Шуъбаҳои бачагонаи онкогематология, гематология, онкология, реаниматсия, гемодиализ ва плазмафереза, поликлиникаҳои статсионарӣ ва амбулаторӣ ба таври замонавӣ муҷаҳҳаз гаштаанд. Имсол барилова 14 намуди таҷҳизот устувор карда шуд.**

**Дараҷаи таъминоти доруворӣ низ афзуд. Ҳамин тариқ, агар соли 2016 барои ин мақсадҳо 2,8 миллиард сўм ҷудо карда шуда бошад, ҳоло ин миқдор қариб 60 баробар афзуда, 170 миллиард сўмро ташкил менамояд. Аз ҳисоби давлат 91 намуди доруворӣ онкогематологӣ бепул пешкаш мегардад.**

**Ба фаъолияти марказ мушовирони хориҷӣ ҷалб гардиданд, стандартҳои табобат ва ташхисгузорӣ нав гардиданд. Аз он ҷумла, микдори ҷарроҳии трансплантатсияи риштаҳои ҳуҷайра афзуд.**

**Боз як ҷанбаи муҳим он аст, ки дар худи марказ ба амал овардани таҳлилҳои маҷмўӣ мисли молекулаву генетика ва тадқиқотҳои иммуногистокимёӣ роҳандозӣ гаштааст. Дар гузашта намунаҳоро барои таҳлил ба чунин мамлакатҳо, мисли Ҳиндустон, Туркия ва Русия мефиристоданд.**

**Дар баробари табобат эътибор ба таълим ва тарбияи бачаҳо пурзўр гаштааст. Дар ин ҷо аз ҷониби фонди «Замин» мактаби «Меҳрли мактаб» барои 40 ҷой ва кўдакистони «Илк қадам» барои 30 ҷой ба вуҷуд оварда шудааст. Дар онҳо бачагон дониш гирифта, дар шароити замонавӣ вақти худро ҷолиб ва муфид мегузаронанд.**

**Президент бачагон ва модарони онҳоро, ки дар марказ муолиҷа мегиранд, рўҳбаланд кард.**

**– Мақсади навбатии боздидам аз ин ҷо ин аст, ки бароятон нерў бахшам ва умедатонро пурзўр кунам. Ин озмоиш барои ҳамаи мост. Мо чун давлат тамоми дониш ва зарфияти худро барои пирўзӣ аз болои ин беморӣ бояд истифода намоем. Мо бояд ба падару модарон кумак намуда, бачагонро дастгирӣ кунем, барои табобат намудани онҳо тамоми имконотро истифода кунем, – гуфт Шавкат Мирзиёев.**

**Дар суҳбат бо бачагон Президент орзуву омоли онҳоро шунид, барояшон ҳар чи зудтар сиҳат гардиданро таманно намуда, дар хонишашон муваффақият орзу намуд.**

**Дар ҳамин ҷо тақдимоти нақшаи оид ба васеъ намудани фаъолияти Маркази бачагонаи гематология, онкология ва иммунологияи клиникӣ ба амал омад.**

**Ҳамин тариқ сохтмони ду бинои асептикӣ барои трансплантатсияи аллогенӣ ва аутологии риштаҳои ҳуҷайраи гемопоэтикӣ, хобгоҳ барои 200 ҷой барои бемороне, ки аз минтақа ба муддати дароз меоянд, ба нақша гирифта шудааст. То охири сол ба марказ боз 67 намуди таҷҳизот оварда мешавад.**

**– Ин барои мамлакатамон низоми нав мебошад. Ҳоло акнун марказро бо чунин шуъбаҳо дар беморхонаҳои минтақавӣ пайваст намуда, бемориро сари вақт муайян кардан лозим аст. Скринингро дар дараҷаи поён васеъ намуда, «аз беморӣ пешдастӣ намудан» лозим, – гуфт Президент.**

**Аҳамияти рушди илм дар пойгоҳи ин марказ таъкид гардид.**

**Шароит дар бино вуҷуд дорад, муваффақият вуҷуд надорад. Муваффақият дар илм аст! Аз ин рў ин макон бояд маркази илмӣ барои омўзиши ҳама чиз – аз омилҳои беморӣ то усулҳои босамари табобат гардад. Бигзор ходимони тиббии минтақаҳо ба ин ҷо омада, малакаи худро такмил диҳанд, – гуфт роҳбари давлат.**

**Супориш дода шуд, ки баёноти табобатӣ дар асоси таҷрибаи пешқадами Олмон нав карда, мутахассисон бештар ҷалб карда шаванд.**

**Зимни боздиди Президент аз Маркази бачагонаи гематология, онкология ва иммунологияи клиникӣ ҷамъомади видеоселекторӣ оид ба масъалаҳои муҳофизати модар ва кўдак баргузор гардид.**

**Дар мамлакатамон қариб 20 миллион бачагон ва занони синни таваллуд мавҷуд. Бо мақсади пурзўр намудани ғамхорӣ барои саломатии онҳо соли ҷорӣ дар поликлиникаҳои фарогири тамоми ноҳия ва шаҳрҳо шуъбаҳои бачагона ташкил гаштааст. Ҳамаи постгоҳҳои кумаки таъҷилӣ ва реаниматсияи бачагон барқарор гаштаанд, ки шабонарўз кор мекунанд.**

**Маҷмўъҳои таваллудхонаҳо ва марказҳои перинатал, хонаҳои машваратии занон соле барои 850 ҳазор нафар занони ҳомила мадади тиббии баландмалака мерасонад. Дар тамоми поликлиникаҳои марказӣ хонаҳои мушоҳидаи онкологӣ ба вуҷуд оварда шуда, ҳар сол занони аз синни 35 боло муоина карда мешаванд. Ин имконоти бармаҳал ифшо намудани саратони занонро то 10 маротиба афзун кард.**

**Дар натиҷаи ин кор нишондоди шадиди фавти модар аз 21 то 15, дараҷаи фавти кўдак дар шаш соли охир аз 11 то 8 кам гардид. Аммо ҳатто чунин вазъият низ барои ҷамъиятамон фоҷиаи калон ба шумор меравад.**

**Бинобар ин дар ҷамъомад масъалаҳои пурзўр намудани саломатии модар ва кўдак, профилактикаи беморӣ муҳокима гардиданд.**

**Ҳоло фақат 16 беморхонаи мамлакат зимни ҳомилаи мураккаб кумаки махсус мерасонад. Аз ин рў, таъкид гардид, ки 46 маҷмўи таваллудгоҳии ноҳия ва шаҳрҳо ба марказҳои перинатали байниноҳиявӣ табдил дода мешавад.**

**Барои ҳар яке аз 17 ҳазор гурўҳи тиббӣ, ки дар поликлиникаҳо ташкил гаштаанд, дояҳои баландмалака таълим ва дастур дода шуданд.**

**Имсол 15 таваллудхонаи Тошканд ба муоинаи шунавоии навзодҳо шурўъ намуданд. Вазифаи тарбияи мутахассисон, хариди таҷҳизоти махсус ва аз соли оянда ба амал татбиқ намудани ин таҷриба дар тамоми таваллудхонаҳо гузошта шуд.**

**Ҳоло бо масъалаи тандурустии занони синни таваллуд Маркази саломатии репродуктив, маълум намудани иллатҳои ҳомила – Скрининг-марказ, мушкилоти таваллуд – Маркази акушерӣ ва гинекологӣ машғуланд.**

**Бинобар вуҷуд надоштани ҳамкории зич байни шуъбаҳои минтақавии ин марказҳо сифат ва суръати мадади тиббӣ ба занон коҳиш меёбанд.**

**Бинобар ин ба ногузирии муттаҳид намудани ин се муассиса ишора гардид. Маркази нав ба чунин вазифаҳои муҳим, мисли ҳалли мушкилоти тиббиву биологии саломатии репродуктив дар асоси технологияи инноватсионӣ, ба амал овардани тадқиқоти генетикӣ доир ба профилактикаи рушди иллатҳои модарзодӣ, таъмини бехатарии модар ихтисос хоҳад ёфт.**

**Дар ҷамъомад масъулони соҳа, духтурон, ҳокимон баромад намуданд, ҳисобот, фикр ва пешниҳодот шунида шуд. Муайян карда шуд, ки ҳокимони вилоятҳо аҳолиро дар бораи чорабиниҳои оянда доир ба рушди хидмати онкологӣ ва гематологӣ, муҳофизати модар ва кўдак дар минтақаи худ хабардор менамоянд.**

**ЎзА.**

*Сурати Хидмати матбуоти Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон.*

*Анҷумани байналхалқӣ*

# ИН ҶАҲОНРО НИГАР БА ЧАШМИ ХИРАД...

***Дар Донишкадаи байналмилалии Осиёи Марказӣ таҳти унвони “Созмони ҳамкории Шанхай: аз Осиёи Марказӣ ба сўйи Авросиё” конфронси байналмилалӣ баргузор гардид.***

Дар кори конфронс ҳамоҳангсозони миллии кишварҳои узви СҲШ, кормандони котибот ва Кумитаи иҷроияи Сохтори минтақавии зиддитеррористии СҲШ, коршиносони варзида аз кишварҳои Осиёи Марказӣ, Русия, Чин, Эрон, Ҳиндустон, Покистон, Беларус ва Озарбойҷон, инчунин аз вазорату идораҳои марбути Ўзбекистон иштирок карданд.

Дар конфронс иқтидори СҲШ ҳамчун платформаи сиёсӣ арзёбӣ гардид. Гуфта шуд, вобастагии мутақобилаи Авросиё, аз ҷумла Осиёи Марказӣ, таҳкими бештарро тақозо менамояд. Ҷамъоварӣ ва натиҷагирии ғояҳо, арзёбии коршиносон перомуни табдили минбаъдаи созмон ҷиҳати истифодаи ташаббусҳо ва пешниҳодҳо дар масъалаҳои мавриди баррасӣ таҷдиди назар мехоҳанд, то ки дар шакли такмилёфта ба нишасти сарони давлатҳои СҲШ дар Самарқанд тақдим карда шаванд.

Тавре ки директори донишкада Анвар Носиров изҳор намуд, Осиёи Марказӣ дар чорроҳаи қитъаи Авросиё мавқеъ гирифтааст ва аз замонҳои қадим онро «қалб»-и ҷаҳон меномиданд. Маҳз ҳамин омил дар ибтидои асри мо дар таъсиси СҲШ ҷузъи асосӣ хонда шуд, ки ба манфиатҳои куллии халқҳои мо мувофиқ мебошад.

Ғайрат Фозилов, ҷонишини вазири корҳои хориҷии Ўзбекистон, роҷеъ ба масъалаи таъмини амният, барқарории стратегӣ, мустаҳкамшавии эътимоди давлатҳо нисбати ҳамдигар ибрози назар намуд.

Дабири кулли СҲШ Ҷан Мин аз тариқи онлайн суханронӣ кард. Ба гуфтаи ў дар бист соли охир, бо вуҷуди он ки дар ҷаҳон таҳаввулоти мухталиф рух медиҳанд, СҲШ вазифаи стратегии худро хеле хуб адо менамояд.

Намояндаи хоси Президенти Русия дар умури СҲШ Бахтиёр Ҳакимов дар оғози суханронӣ ин байтҳои Одамушшуаро Абўабдуллоҳи Рўдакиро ёдовар шуд:

*Ин ҷаҳонро нигар ба*
*чашми хирад,*
*Не бад-он чашм,*
*к-андар ў нигарӣ,*
*Ҳамчун дарёст в-аз*
*накўкорӣ*
*Киштие соз, то бад-он*
*гузарӣ.*

Баъд илова кард:

– Агар мо ба умқи ин гуфтаҳои Абўабдуллоҳи Рўдакӣ сарфаҳм равем, пас маҳз барои он ки худро ба манзили орзуҳо ва ормонҳо расонем, бояд аз некўкорӣ кор гирем. Зеро дар ин дунё тавассути корҳои нек ба мақсадҳои наҷиб расидан мумкин аст.

Конфронс кори худро дар се иҷлосия давом дод.

Дар иҷлосияҳо аз Тоҷикистон, Қирғизистон, Қазоқистон, Чин, Русия, Ҳиндустон, Покистон ва мизбони конфронс – Ўзбекистон олимон, сиёсатшиносон, пажўҳишгарон, коршиносон бо маърўзаҳои ҷолибу пурмуҳтаво баромад карданд.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**хабарнигори**
**“Овози тоҷик”.**

*Мусоҳибаи эксклюзив*

## Владимир НОРОВ:

# СҲШ ДАР НИЗОМИ АФЗАЛИЯТҲОИ СИЁСАТИ ХОРИҶИИ ЎЗБЕКИСТОНИ НАВ

**Сарвари Вазорати корҳои хориҷии Ўзбекистон дар остонаи 21-солагии ташкил ёфтани СҲШ ба саволҳои хабарнигори АИ «Дунё» ҷавоб дод.**

***Созмони ҳамкории Шанхай яке аз созмонҳои ҷавонтарин, вале бо суръат рушдёбандаи байналмилалӣ мебошад. 15 июн аз таъсиси СҲШ 21 сол пур шуд. Дар давраи гузашта он аз формати механизми машваратӣ ба иттиҳодияи васеъмиқёси байнидавлатӣ вусъат ёфт.***

***Ўзбекистон дар ибтидои таъсиси Созмони ҳамкории Шанхай истода, дар рушди босуръати он саҳми арзанда гузошт ва онро идома медиҳад. Дар солҳои 2021-2022 мамлакати мо ба ин иттиҳодияи бонуфуз раисӣ мекунад. Дар бораи ташаббусҳои Президент Шавкат Мирзиёев дар чаҳорчўби СҲШ, дурнамои ҳамкориҳои кишварамон бо иттиҳодия ба мухбири АИ «Дунё» иҷрокунандаи вазифаи вазири корҳои хориҷӣ Владимир Норов нақл кард.***



***– Муҳтарам Владимир Имомович, мо аз шумо миннатдорем, ки ба саволҳои мо ҷавоб медиҳед. Гузашта аз ин, СҲШ натанҳо яке аз самтҳои афзалиятноки ҳамкории байналмилалии Ўзбекистон, балки созмонест, ки дар он шумо имкон доштед дар солҳои 2019-2021 ба сифати Котиби генералӣ кор кунед. Лутфан ба мо бигўед, ки имрўз СҲШ чӣ гуна сохтор аст ва дар арсаи байналмилалӣ чӣ гуна нақш дорад?***

– Пеш аз ҳама мехоҳам таъкид намоям, ки Созмони ҳамкории Шанхай дар муддати нисбатан кўтоҳ роҳи дурударози рушдро тай намуда, ба ҷузъи ҷудонопазири ҷанбаи сиёсӣ ва иқтисодии ҷаҳонӣ табдил ёфт.

**(Давомаш дар саҳ.2).** ⇨

Мусоҳибаи эксклюзив

## Владимир НОРОВ:

# СҲШ ДАР НИЗОМИ АФЗАЛИЯТҲОИ СИЁСАТИ ХОРИҶИИ ЎЗБЕКИСТОНИ НАВ

(Аввалаш дар саҳ.1).

Имрўз СҲШ бузургтарин созмони минтақавии ҷаҳон аст. Майдони умумии мамлакатҳои аъзои он аз 34 миллион километри мураббаъ зиёд аст. Шумораи умумии аҳолии кишварҳои СҲШ 3,2 миллиард нафарро ташкил медиҳад, ки тақрибан нисфи аҳолии ҷаҳон мебошад.

Созмон 8 узви доимӣ, 4 кишвари нозир ва 9 шарики муколамаро муттаҳид мекунад.

«Оилаи бузурги СҲШ», ки аз 21 кишвар иборат аст, 3 қитъа – Осиё, Аврупо ва Африқоро дар бар мегирад. Дар баробари ин таваҷҷуҳи кишварҳои дигар ба ҳамкорӣ бо сохтор дар ин ё он формат афзоиш меёбад.

Ба баланд бардоштани нуфузи байналмилалии СҲШ пайваста густариш додани шабакаи созмонҳои шарики он – СММ ва муассисаҳои махсуси он, АСЕАН, ИДМ, СШАД, ИИАО, МҲҶЭО, ИИТ – ба афзоиши нуфузи байналмилалии СҲШ мусоидат мекунад. Дар айни ҳол робита бо Лигаи давлатҳои араб ва як қатор сохторҳои дигари бисёрҷониба ба роҳ монда мешавад.

Имрўз фазои СҲШ аз лиҳози дорои захираҳои бузурги ашёи хом, маҳсулоти истеҳсолӣ, неруи баландихтисоси корӣ ва сармояи инсонӣ, иқтидори технологӣ минтақаи худкифо мебошад.

Ҳаҷми умумии иқтисодиёти кишварҳои узви СҲШ ҳудуди 20 триллион доллари ИМА-ро ташкил медиҳад, ки нисбат ба замони таъсиси он 13 маротиба бештар аст. Фазои созмон бузургтарин бозори истеъмолӣ дар ҷаҳон аст. Имрўз маҷмўи маҳсулоти дохилии кишварҳои аъзои СҲШ тақрибан ба чоряки нишондиҳандаи ҷаҳонӣ расидааст. То соли 2030 ин рақам метавонад то 35-40 фоиз афзоиш ёбад.

СҲШ дорои иқтидори бузурги нақлиётию транзитӣ мебошад, ки татбиқи амалии худро интизор аст. Дар шароити диверсификатсияи занҷирҳои ҷаҳонии таъминот, фароҳам овардани долонҳои нави байналмилалии роҳи оҳан ва автомобилӣ дар Авруосиё оид ба самтҳои «Шарқ – Ғарб» ва (Шимол – Ҷануб) ҷанбаи стратегӣ пайдо мекунад.

Фаромўш набояд кард, ки СҲШ майдончаи пешомаднок барои таҳкими муколамаи байни тамаддунҳо ва ҳамкориҳои фарҳангию гуманитарӣ мебошад. Аҳамияти ин самт махсусан дар пасманзари тезутунд шудани нобоварӣ ва руҳияи антагонистӣ дар ҷаҳон меафзояд.

Иштироки кишварҳое, ки ҳар яки онҳо таърихи бой ва мероси беназири фарҳангӣ доранд, дар як созмон ба таҳкими ҳамдигарфаҳмӣ ва рўҳияи ҳамкорӣ дар Авруосиё мусоидат мекунад.

***– Тавре ки маълум аст, Президент Шавкат Мирзиёев минтақаи Осиёи Марказиро муҳимтарин самти сиёсати хориҷии Ўзбекистон муайян кардааст. Нақши СҲШ-ро дар таҳкими минтақагароии Осиёи Марказӣ чӣ гуна арзёбӣ мекунед?***

– Пайдоиши СҲШ, пеш аз ҳама, бо ба вуҷуд омадани вазъи нав дар Осиёи Марказӣ пас аз пошхўрии низоми дуқутбӣ дар охири асри XX вобаста буд, ки ҷаҳон ба асри нав бо мушкилоти печида ва оқибатҳои пешгўинашаванда ворид мешуд. Дар он давраи душвор зарурати ҳамкории институтсионалии минтақавии давлатҳои ҷавони соҳибистиқлоли Осиёи Марказӣ дар мубориза бо таҳдиду мушкилоти нави гуногунҷанба воқеияти объективӣ буд.

Ба ин маъно пайдоиши СҲШ натиҷаи бевоситаи талошҳо барои таъмини суботу амният дар Осиёи Марказӣ буд. Аз ин рў ба сифати муҳимтарин «арзиши иловагӣ» аз таъсис то фаъолияти СҲШ метавон саҳми онро, пеш аз ҳама, дар таҳкими субот ва рушди ҳамкориҳои минтақавӣ дар Осиёи Марказӣ арзёбӣ кард.

Ин як далели эътирофшуда ва аз озмоиш гузашта аст.

Имрўз дар ҳифзи сулҳу субот дар минтақа саҳми СҲШ назаррас аст. Муваффақиятҳои он, пеш аз ҳама, дар самти мубориза бо таҳдидҳои терроризм, ифротгароӣ ва сепаратизм раднашаванда аст. Маҳз дар чаҳорчўби СҲШ бори нахуст дар ҷаҳон ҳуҷҷати бисёрҷониба – Конвенсияи СҲШ оид ба мубориза бо терроризм, сепаратизм ва ифротгароӣ аз 5 июни соли 2001 таҳия гардид, ки мафҳуми «терроризм»-ро муайян кард.

Дар ин самт Сохтори минтақавии зиддитеррористии СҲШ бо қароргоҳаш дар Тошканд кори пайгирона анҷом дода, бо нақши ҳамоҳангсозии он ҷиҳати аз байн бурдани сабабҳо, сарчашмаҳо ва зуҳуроти «қувваҳои се бадӣ» чораҳои муштараки муассир андешида мешавад.

СҲШ мунтазам оид ба зоҳир намудан ва ҷилавгирӣ аз истифодаи шабакаи интернет бо мақсадҳои террористӣ, ифротгароӣ ва сепаратистӣ, инчунин амалиёти байналмилалии зидди маводи мухаддири «Торҳои тортанак» мегузаронад.

Бинобар самти котибони Шўроҳои амният, вазирони мудофиа, корҳои дохилӣ, роҳбарони идораҳои мубориза бо гардиши ғайриқонунии маводи мухаддири кишварҳои узв аз рўйи доираи васеи масъалаҳои марбут ба бахши васеи амният муколамаи мунтазам сурат мегирад.

Оид ба масъалаҳои таъмини амнияти байналмилалии иттилоотӣ ҳамкорӣ ба роҳ монда шудааст. Дар ин самт Гурўҳи корӣ фаъолият дошта, бо иштироки фаъолонаи ҷониби Ўзбекистон Барномаи дахлдори ҳамкорӣ омода ва қабул шудааст.

Аммо саҳми СҲШ дар таъмини субот дар минтақа бо ин маҳдуд намешавад.

Дар фаъолияти амалии созмон масъалаҳои таъмини амният ва рушди иқтисодӣ ҳамчун ҷузъҳои асосии ба ҳам алоқаманд баррасӣ мешаванд. Маҳз дар ҳамин аст нақши муҳими СҲШ дар ҳифзи субот ва рушди устувор дар минтақа.

Сарфи назар аз тағйироти дар минтақа ва атрофи он ба вуҷудомадаистода, бо гузашти беш аз 20 сол Осиёи Марказӣ ҳамчун меҳвари ҷуғрофии СҲШ боқӣ мемонад. Дар байни кишварҳои узв тафоҳуми комил вуҷуд дорад, ки таъмини субот ва рушди устувор дар минтақа як амри ҳатмист ва аз ин рў ин вазифаҳо бояд минбаъд низ дар маркази таваҷҷуҳи созмон қарор бигирад.

Дар Эъломияи ҳамоиши ҷашнии Душанбеи СҲШ дар соли 2021 роҳбарони тамоми кишварҳои узв якдилона аз талошҳои охири кишварҳои Осиёи Марказӣ ҷиҳати таъмини рушди устувор ва ташаккули фазои эътимоди дўстӣ дар минтақа изҳор намуданд, ғояро оиди васеъ гардондани нақши фаъоли СҲШ дар таҳкими минбаъдаи рушди устувор ва иҷтимоию иқтисодии онҳо ҷонибдорӣ карданд. Онҳо ҳамчунин аз баргузории Мулоқоти машваратии сарони кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ, ки бо ташаббуси Президенти Ўзбекистон суръат гирифтааст, истиқбол мекунанд.

Дастгирии СҲШ аз раванди нави Осиёи Марказӣ, ки аз соли 2017 ба ин сў мушоҳида мешавад, албатта ҳам барои худи минтақа ва ҳам барои табдили фазои созмон ба минтақаи субот, рушди мутақобилан судманд ва ҳамкории муассир хеле муҳим аст. Дар ин замина мо асоси комил дорем, бигўем, ки истилоҳи «рўҳи Осиёи Марказӣ», ки дар лексиони сиёсии байналмилалӣ нисбатан ба наздикӣ пайдо шудааст, заминаи доктриналии СҲШ – «рўҳи Шанхай»-ро мустаҳкам ва ғанӣ мегардонад.

Аён аст, ки васеъ гардондани ҳайати иштирокдорони созмон дар баробари вазъи зудтағйирёбанда дар минтақа ва умуман дар ҷаҳон ба рўзномаи СҲШ ислоҳоти муайян ворид мекунад.

Ин раванди объективӣ аст, аммо нақши ташкилотро дар минтақаи мо ба ҳеҷ ваҷҳ паст намекунад. Воқеан, ба СҲШ пайвастани бузургтарин кишварҳои Осиёи Ҷанубӣ – Ҳиндустон ва Покистон, инчунин дар пастманзари пайдоиши траекторияи густариш дар Ховари Миёна барои кишварҳои Осиёи Марказӣ тавассути СҲШ дурнамои нав мекушояд: он ба як платформаи тавонои бисёрҷониба барои таҳия ва татбиқи муштараки ташаббусҳои судманд дар соҳаи рушди робитаҳои бисёрсохт дар фазои васеи Авруосиё – аз нақлиёт, инфрасохтор, энергетика то иқтисодиёти «сабз» ва трансформатсияи рақамӣ табдил меёбад.

***– Аз ин нуқтаи назар ҳоҳиш менамоем, дар бораи авлавиятҳои ҳамкориҳои Ўзбекистон ва СҲШ нақл мекардед?***

– Дар сохтори дипломатияи бисёрҷонибаи Ўзбекистон Созмони ҳамкории Шанхай мақоми махсусро ишғол мекунад. Ин ба ду нуқтаи асосӣ вобаста аст.

Якум, кишвари мо ҳарчанд дар ба ном «панҷгонаи Шанхай», ки дар миёнаҳои солҳои 1990 барои танзими масоили марзӣ байни Чин ва як қатор кишварҳои пасошўравӣ (Русия, Қазоқистон, Қирғизистон ва Тоҷикистон) таъсис дода шуд, ширкат надошта бошад ҳам, бинобар аҳамияти минтақавии худ дар трансформатсияи платформаи муколамаи зикршуда ба як созмони комилҳуқуқ нақши хеле муҳим бозид.

Дуюм, Ўзбекистон ҳамчун яке аз шаш кишвари муассиси СҲШ дар таҳияи тамоюлҳои асосӣ ва ҳуҷҷатҳои таъсисии созмон, инчунин бунёд ва рушди ғояҳои институтсионалии он бевосита ва фаъолона иштирок кардааст.

Давлатҳое, ки ба ин созмон шомиланд, наздиктарин ҳамсояҳо ва шарикони стратегии кишвари мо мебошанд. Ҳамкориҳои бисёрҷониба дар доираи СҲШ ба таҳкими ҳамкориҳои бисёрҷонибаи минтақавӣ ва байниминтақавӣ ва рушди ҳамкорӣ бо ҳар яке аз ин давлатҳо хидмат менамояд.

Дар низоми афзалиятҳои сиёсати хориҷии Ўзбекистони Нав Созмони ҳамкории Шанхай ба сифати платформаи бисёрҷониба ҷиҳати татбиқи самти кушод, прагматикӣ ва ба ҳамкории васеъ ва мутақобилан судманд нигарондашуда аз ҳарвақта ҳам бештар аҳамияти муҳим дорад.

> ***Рўйдоди асосии раисии Ўзбекистон дар Созмони ҳамкории Шанхай – ҷамъомади Шўрои сарони давлатҳо дар Самарқанд наздик шуда истодааст. Дар он бастаи устувори ҳуҷҷатҳои нави ҳуқуқӣ ва консептуалӣ, ки барои ба сатҳи нав расондани ҳамкориҳои бисёрҷанбаи дохили созмон пешбинӣ шудаанд, ба имзо мерасанд.***
> ***Албатта, ҷойи баргузории ҳамоиш интихоб шудани Самарқанд маънои амиқ дорад. Ин шаҳр аз қадимулайём макони вохўриҳои таърихӣ ва муколамаи тамаддунҳо, кўпруки ғанисозии мутақобилаи фарҳангию башардўстона ва рушди тиҷорати байналмилалӣ, таҳкими некҳамсоягӣ буд. Самарқанд дар дипломатияи динамикӣ ва фаъоли Ўзбекистони Нав ҷанбаи махсус пайдо карда, ҳамчун як платформаи беназир барои даъват ва пешбурди ташаббусҳои муҳимтарини байналмилалӣ ва дипломатияи кишвари мо хидмат мекунад.***

Аз ин рў, стратегияи замонавии мамлакати мо нисбат ба СҲШ ба чунин тамоюлҳои калидӣ, аз қабили ташаббускорӣ, созандагӣ, прагматизм ва рўшодӣ ба ҳамкорӣ асос ёфтааст.

Ўзбекистон аз пурра кушодани иқтидори созмон дар шароити нави эволютсияи он, пеш аз ҳама аз ҳисоби вусъат додани ҳамкории амалӣ оид ба самтҳои пешомаднок, ки ба манфиатҳои ҳаётии ҳамаи кишварҳои узв мувофиқат мекунад, манфиатдор аст.

Дар солҳои 2017-2021 сардори давлатамон дар ҳамоишҳои СҲШ қариб 50 ташаббуси муҳим ва рўзмарраро пеш гузошт. Аз ҳама муҳимаш, ин пешниҳодҳо дар доираи «харитаи роҳ», ҳуҷҷатҳои меъёрию барномавӣ ва консептуалии СҲШ, инчунин дар шакли механизмҳои нави ҳамкории бисёрҷониба пайваста амалӣ мешаванд.

Формулаи «СҲШ танҳо дар сурати тавоно будани ҳар яки мо қавӣ аст», ки Президенти Ўзбекистон дар ҳамоиши соли 2022 изҳор дошт, моҳияти муносибати конструктивии ҷумҳуриро ба ин сохтор мутобиқи «рўҳияи Шанхай» пурра нишон дод.

Бар замми ин, Президенти Ўзбекистон дар суханронии барномавии худ дар ҳамоиши соли гузаштаи Душанбе бо пешниҳоди авлавиятҳои раёсати Ўзбекистон дар СҲШ самти ташаббускорӣ ва ошкорбаёниро ба таври равшан нишон дод. Ин ташаббусҳо дар баробари инъикос намудани вазифаҳои асосии рушди дохилии кишварамон ва манфиатҳои он дар соҳаи ҳамкории байналмилалӣ, мақсад ва вазифаҳои СҲШ-ро дар марҳалаи нави рушди он бомуваффақият мутаҳид менамояд.

Дар байни онҳо – таҳкими минбаъдаи иқтидори СҲШ аз ҳисоби фаъолгардонии ҳамкориҳои бисёрҷониба дар чунин самтҳои муҳим, аз қабили афзоиши савдои дохили минтақавӣ, кооператсияи саноатӣ, инноватсия, иқтисодиёти «сабз» ва рақамӣ мебошад.

Татбиқи амалии «рўҳи Шанхай» тавассути воситаҳои дипломатияи халқӣ, сайёҳӣ, мустаҳкам намудани дўстӣ ва некҳамсоягӣ, ташаббусҳои нави фарҳангиву башардўстӣ, ғанӣ гардондани рўзномаи фаъолияти СҲШ бо роҳи пешбурди самту форматҳои нави ҳамкорӣ дар чунин самтҳои пешомаднок ба мисли технологияи иттилоотиву коммуникатсионӣ коҳиш додани камбизоатӣ, карантини растаниҳо, пурзўр гардондани нуфузи ҷаҳонии СҲШ ва густариши робитаҳои байналмилалии он муҳим мебошад.

***– Оё метавонед дар бораи вазифаҳо ва ташаббусҳои раисии Ўзбекистон дар созмон муфасал тавзеҳ диҳед?***

– Албатта, ҳамаи он чизеро, ки дар боло зикр кардам, гуфтаҳои декларативӣ нестанд, дар паси онҳо амалҳои конкретӣ ниҳонанд.

Ҳамин тариқ, дар Нақшаи раёсати Ҷумҳурии Ўзбекистон зиёда аз 80 чорабинии асосӣ пешбинӣ шуда, беш аз ними онҳо амалӣ гардидаанд. Онҳо натанҳо самтҳои ҳамкориҳои аллакай дар СҲШ ба роҳ мондашуда, балки самтҳои нави талабот, аз қабили рушди ҳамкорӣ дар соҳаи савдои дохилиминтақавӣ, кооператсияи саноатӣ, инноватсия, коҳиши камбизоатӣ, трансформатсияи рақамӣ ва ғайраро фаро мегиранд.

Ҳамин тариқ, ҷониби Ўзбекистон воқеан як қатор самтҳои нави ҳамкорӣ дар доираи СҲШ-ро роҳандозӣ намуда, бо назардошти воқеияти замонавӣ дар ғанӣ гардондани рўзномаи он саҳм гузоштааст.

Дар ташкили чорабиниҳои СҲШ равишҳо ва форматҳои нав ҷорӣ карда шуданд. Онҳо натанҳо дар Тошканд, балки дар минтақаҳо низ баргузор мешаванд, ки ба шарикон оид ба СҲШ имкон медиҳад, ки бо потенсиали ҳамкориҳои дар минтақаҳо мавҷудбуда бештар шинос шаванд. Ҳамин тариқ, ҷамъомади Шўрои ҳамоҳангсозони миллии СҲШ дар шаҳрҳои Нукус, Бухоро ва Фарғона ташкил карда шуд. Ҷамъомади вазирони нақлиёт дар Хева (12 майи соли 2022), конфронси байналмилалӣ оид ба масъалаҳои камбизоатӣ – дар Бухоро (26-27 майи соли 2022) баргузор гардид. Дар моҳи августи соли ҷорӣ дар Самарқанд баргузор намудани як қатор чорабиниҳо ба нақша гирифта шудааст.

Ҳамзамон ҷаласаҳо ва вохўриҳои вазирон бо форумҳо ва конфронсҳои мавзўӣ ҳамроҳ мешаванд. Бо раёсати Ўзбекистон аз ҷумлаи чорабиниҳои бузург аз қабили Форуми дипломатияи халқии СҲШ (11-12 майи соли 2022), форуми сайёҳӣ (20 майи соли 2022), Форуми тибби анъанавӣ (7 июни соли 2022), озмун барои беҳтарин лоиҳаи стартап байни истеъдодҳои ҷавони кишварҳои иштирокдори созмон аллакай татбиқ гардиданд.

Ҳамаи ин платформаҳо бо рўзномаҳои муҳим ғанӣ буда, дар онҳо созишномаҳои муҳим ба имзо мерасанд, нақшаҳои минбаъдаи муштарак ҳамоҳанг карда мешаванд, ки ин махсусан дар шароити эҳёи баъд аз пандемияи иқтисодиёти давлатҳои иштирокдори СҲШ муҳим аст. Хуллас формате, ки ҷониби Ўзбекистон ҷорӣ мекунад, имкон медиҳад, ки ба натиҷаҳои амалӣ ноил гарданд ва барои намояндагони доираҳои тиҷоратии кишварҳои мо самтҳои нав муайян карда шаванд.

Албатта, таваҷҷуҳи асосии раисии Ўзбекистон ба мазмуну моҳияти рўзномаи кунунии Созмони ҳамкории Шанхай нигаронда шудааст.

Бо мақсади татбиқи ташаббусҳои роҳбари давлатамон дар давраи раёсати Ҷумҳурии Ўзбекистон лоиҳаи 14 ҳуҷҷати нави консептуалӣ таҳия шуд. Онҳо ба тавсеаи моддӣ ва институтсионалии соҳаҳои ҳамкорӣ дар СҲШ нигаронда шудаанд.

Лоиҳаҳои чунин ҳуҷҷатҳои нав барои амалияи СҲШ, аз қабили Стратегияи равобити нақлиётӣ, Нақшаи рушди савдои дохилиминтақавӣ, барномаи рушди инфрасохтор, таъсиси институти «Сафири иродаи неки СҲШ»-ро алоҳида таъкид кардан зарур аст.

Ҳамаи ташаббусҳои аз ҷониби Президенти Ўзбекистон ба миён гузошташуда мантиқан бо ҳам алоқаманд буда, ҳамдигарро пурра мекунанд. Масалан, ба воситаи рушди савдои дохилӣ ба рафъи монеаҳои тиҷоратӣ, наздик кардани регламентҳои техникӣ ва рақамигардонии тартиботи гумрукӣ ноил шудан мумкин аст. Дар давраи раёсати Ўзбекистон ин ва дигар масъалаҳо дар рўзномаи ҷаласа натанҳо дар ҷаласаву нишастҳои вазирон инъикос ёфтаанд. Онҳо инчунин бо иштироки доираҳои тиҷоратии кишварҳои узви СҲШ дар доираи як силсила чорабиниҳои муҳими мавзўӣ, аз қабили Форуми иқтисодӣ ва Ҳафтаи инноватсияи саноатии СҲШ, Форуми сарони минтақаҳо, Форуми кооператсияи саноатӣ, Намоишгоҳи меваву сабзавоти «Ўзбекистони офтобӣ» ва ғайра баррасӣ хоҳанд шуд.

Дар вилояти Самарқанд созмон дода шудани минтақаи саноатии «Ўзбекистон – СҲШ» лоиҳаи воқеан инноватсионӣ мебошад. Майдончаи мазкур механизми муассири татбиқи Барномаи ҳавасмандгардонии кооператсияи саноатии байни доираҳои соҳибкории мамлакатҳои СҲШ, ки Президенти Ўзбекистон ташаббус зоҳир намудааст, эътироф шуда, барои ҷалби сармояи иловагӣ, ҳалли технологӣ ва инноватсионӣ барои истеҳсоли маҳсулоти арзиши иловагиаш баланд имкон фароҳам меорад.

Дар навбати худ, ташаббус дар бораи таҳкими алоқаи тарафайн дар доираи СҲШ, ки аз ҷониби Тошканд пеш гузошта шудааст, ба самарабахш ба кор бурдани иқтидори бузурги нақлиётӣ ва транзитӣ дар фазои васеи созмон нигаронда шудааст.

Бо ин талошҳо Ўзбекистон ният дорад якҷоя бо шарикон имкониятҳои Созмони ҳамкории Шанхайро барои тезондани татбиқи амалии низоми долонҳои нақлиётӣ, аз қабили «Ўзбекистон – Қирғизистон – Чин», «Тирмиз – Мазори Шариф – Кобул – Пешовар», «Ланҷоу – Қашқар – Иркештом – Ўш – Андиҷон – Тошканд – Марӣ» ва дигар хатсайрҳое, ки дар шароити ҳозираи геоиқтисодӣ хусусияти махсуси стратегӣ пайдо мекунанд, истифода баранд.

Стратегияи робитаҳои байниҳамдигарии СҲШ, ки Ўзбекистон пешниҳод кардааст, низ ба эҳёи нақши беназири иқтисодӣ ва транзитии Афғонистон барои тамоми Авруосиё мусоидат мекунад.

Шубҳае нест, ки Афғонистон омили асосии таъмини амният ва субот дар минтақа мебошад. Мутаассифона, ба муносибати рўйдодҳои маъруфи ҷаҳон таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ ба Афғонистон каме коҳиш ёфтааст. Фоҷиаи мардуми афғон агар бо фалокати башардўстона рў ба рў шавад, метавонад боиси ҷараёни нави гурезаҳо, афзоиши таҳдиди маводи мухаддир ва терроризм шавад.

Ҳеҷ як давлати СҲШ манфиатдор нест, ки дар қалби Авруосиё макони бесубот боқӣ монад ва таҳдидҳо ба амнияти кишварҳои ҳамсоя аз қаламрави Афғонистон ояд. Воқеияти имрўза аз созмони мо тақозо мекунад, ки иқдомоти мушаххасро анҷом дода, Афғонистон ба ташаббусҳои минтақавӣ, аз ҷумла лоиҳаҳои инфрасохторӣ ҷалб карда шавад.

Ба ин муносибат пешбурди таҳияи равишҳои муттаҳидшуда дар чаҳорчўби СҲШ нисбати стратегияи рушди баъдиҷангии Афғонистон табиист, ки аз афзалиятҳои асосии раёсати кишвари мо дар ин созмон маҳсуб меёбад.

Хуллас, афзалиятҳои калидии раёсати СҲШ, ки Президенти Ўзбекистон баён дошт, ба манфиатҳои ҳамаи ҷонибҳо ҷавобгў буда, аз ҳама муҳимаш ба таъмини субот, рушди устувор ва таҳкими дўстӣ ва ҳамсоягии нек дар тамоми фазои СҲШ нигаронда шудааст.

***– Соли ҷорӣ Ўзбекистон ба сифати раисии СҲШ Ҳамоиши сарони давлатҳои аъзои созмонро баргузор мекунад. Тавре маълум аст, нишаст моҳи сентябри соли ҷорӣ дар Самарқанд баргузор мешавад. Оё метавонед ба мо бигўед, ки омодагиҳо ба ин ҳамоиш чӣ гуна ҷараён дорад ва фикрҳоятонро оид ба нақш ва аҳамияти чорабинии дарпешистода ба ҳам медидед...***

– Комилан дуруст, рўйдоди асосии раисии Ўзбекистон дар Созмони ҳамкории Шанхай – ҷамъомади Шўрои сарони давлатҳо дар Самарқанд наздик шуда истодааст. Дар он бастаи устувори ҳуҷҷатҳои нави ҳуқуқӣ ва консептуалӣ, ки барои ба сатҳи нав расондани ҳамкориҳои бисёрҷанбаи дохили созмон пешбинӣ шудаанд, ба имзо мерасанд.

Албатта, ҷойи баргузории ҳамоиш интихоб шудани Самарқанд маънои амиқ дорад. Ин шаҳр аз қадимулайём макони вохўриҳои таърихӣ ва муколамаи тамаддунҳо, кўпруки ғанисозии мутақобилаи фарҳангию башардўстона ва рушди тиҷорати байналмилалӣ, таҳкими некҳамсоягӣ буд.

Самарқанд дар дипломатияи динамикӣ ва фаъоли Ўзбекистони Нав ҷанбаи махсус пайдо карда, ҳамчун як платформаи беназир барои даъват ва пешбурди ташаббусҳои муҳимтарини байналмилалӣ ва дипломатияи кишвари мо хидмат мекунад. Дар солҳои охир дар шаҳр як қатор форумҳои бузург, аз қабили Конфронси байналмилалии «Осиёи Марказӣ: таърихи ягона ваояндаи умумӣ, ҳамкорӣ баҳри рушди устувор ва шукуфоии тарафайн» (2017), Форуми ҳуқуқи башари Осиё (2018), форуми Самарқанд оид ба ҳуқуқи инсон (2020) ва ғайра бо муваффақият гузаронда шуданд.

Тавре ки намояндаи махсуси Котиби генералии СММ ва роҳбари Маркази минтақавӣ оид ба дипломатияи превентивӣ дар Осиёи Марказӣ Наталя Герман қайд кард, набзе, ки аз ин платформаҳо ба даст омадаанд, дар «рўҳи Самарқанд», ки баррасии масъалаи мазкури рушди минтақавӣ ва ҷаҳониро дар муҳити некҳамсоягӣ, дўстӣ ва ошкорбаёнӣ пешбинӣ мекунад, ба ташаккули шаклҳои нави ҳамкорӣ дар Осиёи Марказӣ – фазои ҷуғрофии СҲШ мусоидат мекунанд.

Мероси беназири Самарқанд ва қудрати нави созандаи он ба пояҳои арзишҳои СҲШ – тамоюлҳои эътимод, манфиатҳои мутақобила, баробарӣ, эҳтиром ба гуногунии фарҳангҳо ва рушди муштарак комилан мувофиқат мекунад.

Имрўз дар остонаи ҳамоиши «марворид»-и Роҳи бузурги абрешим, ки бо бозсозии густурда тавлиди наве дорад ва омода аст, бузургтарин форуми сиёсиву дипломатии сол дар фазои Авруосиёро баргузор намояд.

Дар чунин фазои мусоид дар ҳамоиши Самарқанд сарони давлатҳо даъватҳо ва вазифаҳои наверо, ки дар назди СҲШ қарор доранд, дар партави трансформатсияи амиқи муносибатҳои замонавии байналмилалӣ мавриди баррасӣ қарор дода, як қатор қарорҳои муҳимеро қабул хоҳанд кард, ки аҳамияти таърихӣ доранд.

Яке аз масъалаҳои муҳими рўзномаи нишасти сарони давлатҳо дар сатҳи олӣ – густариши минбаъдаи СҲШ мебошад. Ёддошти ўҳдадориҳои Ҷумҳурии Исломии Эрон ба мақсади гирифтани мақоми давлати узви СҲШ аллакай ба имзо омода аст. Ҳуҷҷат амалан роҳи узвияти комилҳуқуқи ин мамлакати бузурги Шарқи Наздикро дар созмони мо мекушояд.

Илова бар ин, дархостҳои ҳудуди даҳ кишвари дигар барои ширкат дар фаъолияти СҲШ дар шакли аъзои комилҳуқуқ, нозирон ва шарикони муколама баррасӣ хоҳанд шуд.

Дар майдони нишаст ҳамчунин имзои ёддоштҳо дар бораи барқарор кардани равобити шарикӣ миёни СҲШ ва як қатор созмонҳои дигари байналмилалӣ ва минтақавӣ аз қабили Лигаи Араб, ЮНЕСКО ва ЭСКАТО дар назар аст.

Дар ин замина нишасти дарпешистода тахти раёсати Ўзбекистон аҳамияти хосса дошта, барои сарони кишварҳои ҳаштгонаи Шанхай ҷиҳати баррасии як қатор мавзўъҳои рўзмарраи минтақавӣ ва ҷаҳонӣ платформаи хеле саривақтӣ ва муассир фароҳам меорад.

Ҳамаи ин боварӣ мебахшад, ки ҳамоиши Самарқанд воридшавии СҲШ-ро ба даҳсолаи сеюм сазовор нишон дода, дар таҳаввулоти он марҳилаи нав мекушояд.

# АРЗИШҲОИ МО – САРВАТИ БЕБАҲО

***Чунин ном дорад чорабиние, ки дар маркази боғи истироҳат ва маданияти ба номи Мавлоно Лутфуллоҳи ноҳияи Чуст баргузор гардид.***

Дар мамлакатамон ба дастгирии ҳамаҷонибаи соҳибкории занону духтарон кумаки амалӣ расонида, фароҳам овардани шароити зарурӣ ва ҷалб намудан ба соҳибкорӣ дар маркази таваҷҷуҳи ҳукуматамон қарор дорад.

Солҳои охир нақши занон дар ҳаёти иҷтимоию иқтисодӣ, хусусан фаъолии занону духтарони соҳибкор меафзояд. Дар доираи лоиҳаи «Зани соҳибкор – ба халқ мадагор» намоиши даҳҳо маҳсулоти ҳунармандии миллӣ ташкил карда, маҳсулоте, ки арзишҳои миллии занони ҳунарманди ноҳияро тараннум менамоянд, ба маърази тамошо гузошта шуд.

Иштирокчиён ба маҳсулотҳои бо меҳнати дастӣ офаридашуда, аз қабили тоқии чустӣ, либосҳои миллӣ ва аврупоӣ, бозичаҳо бо тасвири қаҳрамонҳои афсонаҳои халқӣ, сохтани гул аз собуну қоғази ранга, нигоҳубинии гулҳои табиӣ, бофандагӣ таваҷҷуҳи зиёд зоҳир намуданд.

– Борҳо шунидаам, ки чустиҳои бо корду тоқиашон дар ҷаҳон машҳур, бо даҳҳо ҳунарҳои миллии бофандагӣ, устоӣ, ганчкорӣ, косибӣ, заргарӣ ва тунукасозӣ низ ном баровардаанд. Исботи амалии инро бозори Чустро давр зада дидам, – мегӯяд Гулсун Худойқулова, ки аз Бухоро омадааст. Ман занон ва духтарони ҳунарманди ин ҷоро ба бухорогиҳои худамон монанд кардам. Дар мо асосан навъи ҳунарӣ зардӯзӣ васеъ паҳн шудааст. Ба ин маъно таъкид кардан мехостам, ки мо умумияти зиёд дорем

Вақте ки дар гирди намоишгоҳ сайру гашт мекардам, ман ҳамчун модар аз дидани он, ки духтаракон дар катҳо нишаста, ҳамроҳи модаркалонашон тоқӣ медӯзанд, бештар ба завқ омадам. «Ба фарзандонамон аз ҳафтсолагӣ ҳунар меомӯзонем, зеро он аз ниёгони мо мерос мондааст. Оилае нест, ки бо ягон намуди кор машғул набошад», – бо фахр мегӯяд яке аз модарони чустӣ, ки ба онҳо ҳавасам омад. Самимият ва кушодадилии мизбонон касро ба шавқ меорад. Дар кӯчае меҳмон нашавем, моро ҳамчун наздикони худ пешвоз мегиранд. Хусусан, фаъолии ҷавононро дар ҳар ҷабҳа дида, ба ҳайрат омадам. Шуғли фарзандон бо ҳунарҳои гуногун аз самараи муҳити маънавӣ, иҷтимоиву иқтисодии оилаи чустиҳо дарак медиҳад. Ба ҳунарманди кашидадӯз Марғуба Неъматуллоева бисёриҳо ҳавас кард. Гуздӯзиҳои гуногуни бо дасти ӯ офаридашуда, ки бо сӯзану ришта тасвирҳои рӯйи матоъро зинда мекард, ҳайратовар аст. Гулдӯзӣ, ки сабру тоқат, суботкорӣ, оромии рӯҳро тақозо мекунад, аз дасти на ҳар кас меояд. Зимни суҳбат бо Неъматуллоева ҳаминро дарк кардем, ки ӯ қобилияти дӯзандагӣ, расмкашӣ, сурудхониро низ дорад.

Ҳамчунин, шоёни таҳсин аст, ки раиси корхонаи «Варзик эко текстил» Гулнора Фахриддинова, вориси апаи Қутбинисо, имрӯз ин корхонаро таъсис дода, 50 нафар занону духтаронро бо кор таъмин кардааст.

Гавҳарой Насриддинова сокини маҳаллаи Қалъаи поён 3 сол пеш корхонаи дӯзандагии «Сари қалъаро» таъсис дода, бо даҳ нафар коргар ба кор шурӯъ кардааст. Ҳоло бо 20 нафар занону духтарони ба ин касб ҳавасманд, бино ба анъанаи «Устод – шогирд» ҳунар меомӯзанд.

Ҳафиза Маҳкамоваи ёрқишлоқӣ соли 2021 ба рӯйхати «Дафтари занон» сабт шуда буд. Қарзи имтиёзнок гирифта, корро бо таъсис додани корхонаи дӯзандагӣ дар хонаи худ сар карда буд, Ҳоло 15 нафарро бо ҷойи кор таъмин кардааст.

Дилафрӯз Ҷаббороваи хӯҷаободӣ аз хурдӣ ба дӯзандагӣ шавқу рағбат дошт. Аз ин рӯ, корхонаи дӯзандагии «Аббос идеал»-ро таъсис дод, ки 65 нафар занони бекорро ҷалб кард. Ба корхонае, ки ба дӯхтани либоси мардона ихтисос дорад, аз хориҷи кишвар низ дархост меояд.

Баромадҳои санъаткорон ва ҳаваскорони Хонаи маданияти ноҳия ба ҳозирон табъи хуш бахшид.

Муовини раиси ҳокими вилоят, сардори раёсати кор бо оила ва занон Динора Ёқубова, фаъолияти соҳибкорони ҳунармандро эътироф намуда, ба онҳо сипоснома ва туҳфаҳои хотиравӣ супурд.

**Шоҳида ДАМИНОВА.**



*Ба хидматчиёни ҳарбии взводи посбони сарҳадҳои назди Қӯшунҳои сарҳадии ХАД, воқеъ дар ноҳияи Олоти вилояти Бухоро, маросими супурдани 23 хонаи нави хидматӣ дар асоси лоиҳаи намунавӣ, айни замон боғчаи бачагона бо 25 ҷой мутантан баргузор гардид.*

***Дар сурат:*** *маросими ба истифода супурда шудани объекти нав.*

***Суратгир: Т.ИСТАТОВ (ЎзА).***

# ТУРФА ШОГИРДЕ, КИ БА ҲАЙРАТ ОВАРАД УСТОДРО

### Дил кашад, по меравад

Дар озмуни минтақавии «Ҷӯянда ёбанда аст» то охир баромади ҷолибу рангин ва бартарии мактабиёни рақами 12 эҳсос карда мешуд. Барҳақ, зӯрозмоӣ бо панҷ даста ба пирӯзии дастпарварони Умедуллои умедбахш анҷом ёфт.

– Саҳми Умедулло Бобоев дар ин комёбӣ назаррас аст, – гуфта буд бо ифтихор сарвари ҳамонвақтаи таълимгоҳ Искандар Ҳусинов. – Ӯ ҷавонест масъулиятшинос, ташаббускор ва ташкилотчӣ.

Суҳбати мо бо ӯ дар он мактаб иттифоқ афтода буд. Агарчи мулоқотамон тӯлонӣ набуд, аммо огоҳӣ пайдо кардем, ки ҷонишини директор оид ба корҳои маънавият ва маърифат ҷавони хушодоб ва фарҳангдӯстест. Инак, аз он айём сӣ сол сипарӣ гардидааст...

Рӯзи истироҳат буд. Мо ӯро аз манзилаш пайдо накардем. Гуфтанд, ки чорвояшро ба саҳро – назди замини фарзандаш бурдааст. Аз он ки дил мекашид, роҳи саҳроро пеш гирифтем.

Аз шафати манзилҳои зисти навбунёд хати роҳи оҳане, ки алҳол дар истифода нест, мегузашт, майдонҳои кишт назаррабо буданд. Тамошои саҳрои васеъ ва қолинҳои сабзи густурдаи табиат ба дилҳо як олам завқ мебахшид. Дар лаби ҷӯй зери сояи дарахти азиме саргарми мутолиа буд ӯ. Вақте моро дид, аз ҷо боло шуда хиҷолатомез хайрамақдам гуфт. Умедулло моро аз рӯйи одоби меҳмондорӣ ба хонааш даъват намуд. Вале кадоме аз мо шӯхиомез байти Хоҷа Ҳофизро ба лаб овард:

*Боғи биҳишту сояи*
*тубию қасри ҳур,*
*Ба хоки пойи дӯст*
*баробар намекунам.*

Дар сояи дарахт, ба қавле, суҳбатамон қаймоқ баст. Дар рафти суҳбат суол кардем:

– Бародар, инак, сию ҳафт сол аст, ки мисли як сарбози содиқ дар ҷабҳаи мактабу маориф хидмат мекунед. Як бор бошад ҳам аз касби интихобкардаатон пушаймон шудаед?

– Мо рӯзгоре дар мактаби миёнаи зодгоҳ аз номзади илмҳои филологӣ Ш.Рашидов, омӯзгорони соҳибтаҷриба Қ.Эрназаров, Б.Саломов, М.Труфлёва, С.Сафаров (равонаш шод бод) асосҳои илмро омӯхтем. Сабақҳои онҳо дар боби қаноат, сабру таҳаммул, накӯкорӣ ва дигар фазилатҳои инсонӣ то ҳол мо – шогирдони собиқро дар ҷодаи ноҳамвори зиндагӣ тӯшаи роҳ аст, – гуфт мусоҳибамон. – Сонияи, аз суфрае, ки нону намак хӯрдаӣ, рӯй тофтан нишони ношукриву кӯрнамакист.

### Дурахши ситораи бахт

Умедулло дар оилаи серфарзанд ба дунё омад. Қиблагоҳашро Муҳаммади Бобо мегуфтанд. Пирамард шахсе буд шӯхтабиат, хандонрӯ ва суҳбатоворо. Қиёфае дошт мисли як ҳунарпешаи соҳаи театр. Қисса ва пандҳои модари зиндаёдаш – Ойлархола ҳамеша бо ӯ буданд. Эътибор ва ҳидоятҳои бародари калонӣ – акои Аҳтамқул, ки ҳоло чун омӯзгори собиқадор даври пирӣ меронад, зоеъ нарафт. Бо вуҷуди норасоиҳои рӯзгор, маҳз роҳбаладии ӯ ва майлу шавқи хондан навраси ташнаи илмро ба даргоҳи Донишкадаи давлатии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи С.Улуғзода бурд. Баъди дохил шудан нахост сарбории волидайн



шавад. Фориғ аз дарс бо меҳнати ҳалол дастмузде пайдо мекард. Хубу аъло мехонд, кумакашро аз ҳамсабақон дареғ намедошт. Устодони сахтгиру серталаб ӯро меписандиданд...

Дарвоқеъ, сулолаи Бобоевҳо дар маҳалла маъруфият дорад. Чунончи, модараш – апаи Хосият чанде дар мактаб кор кард. Сипас, солиёни дароз дар риштаи кишоварзӣ кору фаъолияташро идома дод. Бино ба таомули роиҷ бонуи меҳнатдӯст, ба қавле, гиреҳкушои мушкили сокинони деҳа буд. Бародари хурдии муаллим – Ҳикматулло бошад, ҳоло вазифаи раисии маҳаллаи «Қорашиқ»-ро ба ӯҳда дорад. Яъне, дувоздаҳ нафари сулола бо касби пуршарафи омӯзгорӣ машғуланд.

Вилоятбону – ҳамсари меҳрубони Умедулло сию чор сол аст, ки чун табиби ҳозиқ ба дунболи тандурустии мардум аст. Аҳсан ба иродаи Парвина, ки ҳам пешаи қиблагоҳ ва ҳам пешаи модари ғамгусорашро ихтиёр кардааст. Зарринаву Дилшод аз пайи падар рафтанд. Хуршед соҳибкор асту Сардор толибилми дабистон.

...Баҳори соли 1985 буд. Директори мактаби зодгоҳаш – шодравон акаи Маҳмадсаид шабе дари ҳуҷраи шогирдро кӯфт. Ӯ шунида буд, ки дастпарвари боистеъдодашро ба кадом як донишкадаи вилояти дурдаст ба кор фиристоданиянд. «Илоҷи воқеа пеш аз вуқӯъ» гуфтаанд. Роҳбари чашмикордон Умедуллоро ба ҷамоаи хеш бипайваст. Модари пираш низ мехост ӯ дар гирдупешаш бошад.

– Марди нектинат ва хоксоре буд шодравон Маҳмадсаид Содиқов, – бо шукргузорӣ ёд мекунад ҳамсуҳбати мо устоди даҳҳо толибилму ҳампешагонашро.

### Дастовези мураббиён

– Ибтидои кор бароятон душвор набуд? – пурсидем аз Умедулло.

Омӯзгор суханро аз сатрҳои зерини Мавлои Балх шурӯъ намуд:

*Ҳеч кас аз пеши худ*
*чизе нашуд,*
*Ҳеч оҳан ханҷари тезе*
*нашуд.*
*Ҳеч Мавлоно нашуд*
*Мавлои Рум,*
*То муриди Шамси*
*Табрезӣ нашуд.*

– Соли хониши 1985-86 мани навпеша бо тахассуси омӯзгори забон ва адабиёти рус ба фаъолият пардохтам, – қадамҳои нахустини ба остонаи мактаб ниҳодаи худро ёдовар мешавад Умедулло. – Хоссатан, бо кумаку тавсияҳои услубии устодони соҳибтаҷриба Қ.Азизов, Б.Саломов, Н.Раҷабов, И.Ҳусинов, Ӯ.Ҷӯрабоева, З.Ҳайитова ва Н.Назарова малакаву маҳорати касбии хешро мунтазам сайқал медодам.

Ҳампешагонаш ба қаҳрамони мо назари нек доранд.

(Давомаш дар саҳ.4).

## ХАБАРҲО

### ҚАРОРҲОИ СУД ЧӢ ТАВР ИҶРО МЕШАВАНД?

***Демократикунонии сохтори суду ҳуқуқ яке аз шартҳои асосии таъмини адолат ва устувории қонунҳо мебошад. Ин аст, ки дар сохтор муттасил ислоҳоти васеъмиқёс амалӣ гардонда ва дар роҳи таъмини ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандон чораҳои саривақтӣ андешида мешаванд.***

Зимни мулоқоти амалие, ки дар суди иқтисодии байниноҳиявии Тошканд таҳти мавзӯи “Баланд бардоштани самаранокии иҷрои ҳуҷҷатҳои суд, таҳлил ва ҳалли муаммоҳое, ки ба ин самт мутааллиқанд” рӯйи кор омад, чунин нуктаҳо инъикоси худро ёфтанд.

Гуфта шуд мақсади асосӣ аз чорабинӣ – таъмини саривақтӣ ва бечунучарои қарорҳои суд, ҳалли муаммоҳое, ки дар ҷараёни иҷро ба амал меоянд, баланд бардоштани самаранокии қарорҳои суд ва ба воситаи ҳамин ҳифзи манфиатҳои ҳуқуқию қонунии соҳибкорон, дар ин самт баланд бардоштани масъулияти идораҳои давлатӣ ва амсоли инҳо мебошад.

Баҳри ҳалли ин гуна масъалаҳо, ки дар сохтори суд ба миён меоянд, вазифаҳо аниқ гардонида ва механизмҳои сохторӣ муайян карда шудаанд.

Барои иҷрои қарорҳои суд паҳн кардани варақаҳо ва дахолат кардани идораҳои миёнрав шарт нест, он қарорҳо бояд бевосита иҷро карда шаванд, гуфтанд баромадкунандагон. Норасоиҳое, ки дар ин бобат ба чашм мерасанд, танқид карда шуданд.

### ҲАФТА ДАР ВАЗОРАТИ РУШДИ ИННОВАТСИОНӢ

***Аз 13 то 17 июн дар Вазорати рушди инноватсионӣ “Ҳафтаи технологияи инноватсионӣ дар соҳаи нақлиёт” баргузор гардид.***

Дар доираи ҳафта намояндагони Вазорати нақлиёт, Кумитаи роҳҳои автомобилӣ, ҶС “Ӯзбекистон темир йўллари”, ҷамъиятҳои саҳҳомии парвозҳои ҳавоии Ӯзбекистон, ходимони Институти илмӣ-тадқиқотии роҳҳои автомобилӣ, ғоя ва корҳои инноватсионии маркази истеҳсолии илмии “Ӯзавтотранстехника”, устодону профессорон ва донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии нақлиёти Тошканд бо лоиҳаҳои худ иштирок намуданд.

Айни замон баргузории намоиш эътибори иштирокдорони ҳафтаро ба худ кашид.Чорабонӣ дар кашфи истеъдодҳои ҷавон, дастгирии ташаббусҳои ихтироъкорон дар соҳаҳои гуногуни нақлиёт низ нақши муҳим бозид.

### РАВУО БО ПОЕЗД БАРҚАРОР МЕГАРДАД

***Барқароршавии ҳаракати поездҳои пассажиркашон байни Ӯзбекистон ва Русия аз воқеаҳои муҳим мебошад. Назар ба маълумоти хидмати ахбори “Ӯзбекистон темир йўллари” эътиборан аз 25 июн поезди рақами 324/323 дар хати “Тошканд – Волгоград – Тошканд” рӯзҳои шанбе соати 24.00 ба роҳ баромада, рӯзи сешанбе соати 10-и рӯз ба манзил рафта мерасад.***

Ҳамчунин ба нақша гирифта шудааст, поезде, ки рӯзи сешанбе, дар соати 20.00 ба роҳ баромад, ба вокзали марказии Тошканд субҳидами рӯзи ҷумъа (дар соати 06:54) омада расад.

Поезд тақрибан 60 соат ҳаракат хоҳад кард. Масофаи байни шаҳрҳо, ки ба воситаи роҳи оҳан тай мешавад, 2996 километр мебошад.

**М.ШОДИЕВ, мухбири “Овози тоҷик”.**

# ТАКМИЛИ МАЛАКАИ РОҲБАРОНИ СҒҒ ДАР АКАДЕМИЯИ ИДОРАИ ДАВЛАТӢ

***Чанде қабл дар толори маҷлисҳои Академияи идораи давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон бо ҳамдастии Ассотсиатсияи миллии созмонҳои ғайридавлативу ғаритиҷоратӣ, Академияи идораи давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва Бунёди ҷамоатии дастгирии созмонҳои ғайридавлативу ғайритиҷоратии Ӯзбекистон доир ба мавзӯи “Саъю кӯшиш ва ташаббускории СҒҒ бобати бунёди давлати инсонпарвар дар Ӯзбекистони Нав” чорабинӣ баргузор шуд.***

Дар чорабинӣ таъкид гардид, ки солҳои охир дар мамлакатамон ба масъалаҳои ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии институтҳои ҷамъияти шаҳрвандӣ ва дастгирии онҳо аз ҷониби давлат эътибори алоҳида дода мешавад. Хоссатан, доир ба рушди “сектори сеюм” дар самти якуми “Харитаи роҳ”-и Стратегияи рушд дар соли 2022, ки “Арҷгузорӣ ба инсон ва тавассути рушди ҷамъияти озоди шаҳрвандӣ барпо намудани давлати халқпарвар” ном гирифтааст, иҷрои вазифаҳои муҳим пешбинӣ шудаанд.

Гуфта шуд, ки бо донишу малакаҳои замонавӣ мусаллаҳ гардондани намояндагони созмонҳои ғайридавлативу ғайритиҷоратӣ, ки иштирокчии бевоситаи ислоҳоти васеъмиқёсанд, басе муҳим аст.

Биноан, бо назардошти қарори Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон “Дар бораи чорабиниҳои иловагӣ доир ба дастгирии созмонҳои ғайридавлативу ғайритиҷоратӣ аз ҷониби давлат ва таъмини ҳифзи фаъолияти озод, ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии онҳо” ва вазифаҳое, ки дар фармон “Оиди тасдиқ намудани консепсияи рушди ҷамъияти шаҳрвандӣ барои солҳои 2021-2025” ба нақша гирифта шудааст, дар соли равон дар Академияи идораи давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон 100 нафар роҳбарони СҒҒ такмили малака мекунанд.

Раиси шӯрои Ассотсиатсияи миллии созмонҳои ғайридавлативу ғайритиҷоратӣ Камолиддин Ишонхоҷаев таъкид намуд, ки имрӯз зинаи якуми хонишҳо ба анҷом расид. Тӯли даҳ рӯз ба шунавандагон доир ба такмил додани фаъолияти созмонҳои ғайридавлативу ғайритиҷоратӣ, таъмини волоияти қонун, мақсаду вазифаҳои стратегии муҳим бобати афзун гардондани фаъолияти иҷтимоии шаҳрвандон, ташаккул додани донишҳои касбӣ, ошноӣ бо донишу таҷрибаи байналхалқӣ, ташкили фаъолияти пурсамари шӯроҳои ҷамоатӣ дар назди мақомоти давлатӣ, оқилона тақсим намудани вақти кории шунавандагон донишҳои зарурӣ дода шуданд.

Дар доираи чорабинӣ ба 50 нафар роҳбари СҒҒ, ки хонишҳоро бомуваффақият анҷом додаанд, сертификатҳои Академияи идораи давлатӣ супурда шуд.

– Тӯли даҳ рӯз мо дар хонишҳо донишу малакаамонро такмил додем, – изҳор дошт ҳангоми суҳбат директори Маркази фарҳанг ва санъати “Умрбоқий мерос” Лутфия Мирзоева. – Ба мо беҳтарин омӯзгорон доир ба мавзӯъҳои муҳими рӯз сабақ доданд. Дар академия барои таҳсил шароити мусоид фароҳам оварда шудааст. Шунавандагон бо хобгоҳ ва се маҳал хӯрок таъмин карда шуданд. Дар таърихи Ӯзбекистон роҳбарони СҒҒ бори нахуст ба хондан ҷалб карда шуда буданд. Метавон гуфт, ки мо парастуҳои аввалинем. Дар тӯли хониш ба ҷойҳои ҷолиби пойтахт саёҳатҳо ташкил дода шуд. Инҷониб дар минтақаҳои кишварамон — Ҷумҳурии Қароқалпоқистон, Самарқанд, Бухоро, Хоразм, Навоӣ кору фаъолият дорам. Донишу малакаҳои ҳосилнамудаамро бо ҳамкорон ба ҳам мебинам. Чунин донишу хониш ва бинишҳо ба роҳбарони СҒҒ басе зарур аст. Мо дар оғоз як андак пароканда будем, вале дар тӯли хониш ба якдигар унс гирифта, ба як оила табдил ёфтем.

Ректори академия Адҳам Бекмуродов, декани факултет Неъматхон Ҳамрохоҷаев, раиси Кумитаи масъалаҳои баробарии гендери занону духтарони Сенати Олий Маҷлис Малика Қодирхонова ва дигарон хатмкардагонро табрик намуда, ба кору фаъолияти серпаҳлӯяшон комёбиҳо орзу намуданд.

Дар доираи ҳамкории роҳандозишудаи Ассотсиатсияи миллии СҒҒ ва академия дар моҳи ноябри соли равон низ 50 нафар намояндагони СҒҒ бо хониш фаро гирифта хоҳанд шуд. Дар назар дошта шудааст, ки то соли 2025 ҷамъ 750 нафар намояндагони созмонҳои ғайридавлативу ғайритиҷоратӣ дар даргоҳи мазкур ба донишу малакаашон меафзоянд.

**А. СУБҲОНОВ, хабарнигори «Овози тоҷик».**

*Дар мавзӯйи муҳими рӯз*

# САБАБҲОИ БОЛОРАВИИ НАРХИ ШАКАР

***Дар мамлакатамон рӯзҳои охир дар қатори баъзе маҳсулоти хӯрокворӣ нархи шакар низ боло рафт ва дар байни аҳолӣ ҳолатҳои хариди зиёдатӣ ва захира кардани он ба назар расид.***

Дар кишварҳои ҳамсоя ва дигар давлатҳои ИДМ баланд шудани нарх ба бозори Ӯзбекистон низ бетаъсир намонд, аз ҷумла, ба афзоиши нархи шакар оварда расонд.

Бо ташаббуси Агентии ахбору коммуникатсияҳои оммавӣ (ААКО) ба Ҷамъияти масъулияташ маҳдуди “Ангрен-шакар” пресс-тур ба амал омад. Баробари ворид шудан ба саҳни ҳавлии корхона ба назар расид, ки дар чаҳорчӯбаи иҷрои лоиҳаи давлатии “Макони сабз” корхона фаъол аст. Ҳудуди он бо райҳону гулҳои рангоранг, дарахту арчаҳои сабз иҳота гардида буд. Гирду атроф тозаву озода.

Журналистон, блогерҳоро директори ҶММ “Ангрен-шакар” Рустам Акбархӯҷаев ва коргарони корхона пешвоз гирифтанд.

Иштирокдорони чорабинӣ бо ҷараёни кори корхона, шуъбаҳои он, вагонҳои боркашон, ашёи хом, лаборатория, бинои асосии истеҳсоли шакар, ки ҳамаи он бо технологияи замонавӣ муҷаҳҳаз буд, аз наздик шинос шуданд.

– Бахусус, соли ҷорӣ дар мамлакат ҳаҷми истеҳсоли шакар дар моҳҳои январ-май нисбати ҳамин давраи соли гузашта 28 ҳазор тонна, яъне беш аз 21 фоизро ташкил намуда, сарфи назар аз талабот, нархи он асосан бо таъсири омилҳои беруна боло рафт. Баланд шудани нархи шакар, дар навбати аввал, ба мушкилоти нақлиёту таъмини логистикии ин маҳсулот ва ашёи хоми он ба минтақаи Осиёи Марказӣ ва ҳамчунин болоравии қимати сӯзишворӣ марбут аст,– гуфт Р. Акбархӯҷаев. – Ҳоли ҳозир ба мақсади таъмини эҳтиёҷи аҳолӣ бо шакар ҶММ “Ангрен-шакар” дар як шабонарӯз 1100 тонна маҳсулот истеҳсол карда истодааст. Дар асл, корхона соле дорои иқтидори коркарди 300 ҳазор тонна шакар мебошад. Ба туфайли бо иқтидори зиёд кор кардани корхона, ҳар моҳ беш аз 30 ҳазор тонна шакар истеҳсол карда мешавад. Ин нишондиҳанда маънои дар як сол 360 ҳазор тонна шакарро дорад.

Роҳбари корхона инчунин таъкид намуд, ки аҳолӣ набояд аз баланд шудани нархи шакар дар хавотир бошад. Ҳамаи имкониятҳоро истифода бурда, аҳолиро бо маҳсулот мунтазам таъмин мекунем. Дар анборҳоямон ашёи хом ва маҳсулоти тайёр ба дараҷаи кофист. Дар Ӯзбекистон ду заводи бузурги истеҳсоли маҳсулоти шакар – “Хоразм-шакар” ва “Ангрен-шакар” фаъолият дорад. Заводи “Ангрен-шакар” аз соли 2014 инҷониб бо неруи бузурги истеҳсолӣ кор мекунад. Дуруст аст, ки муноқишаи байни Русия ва Украина ба болоравии нархи баъзе маҳсулот сабаб шуда истодааст. Ашёи хом дар бандаргоҳҳо ба сабаби норасоии нақлиёт, то 15-20 рӯз мемонад, ки ин низ хароҷоти зиёдатиро талаб мекунад.

Назар ба маълумоти мутахассисон, дар корхона ба сахарозаи таркиби шакар эътибори калон дода мешавад. Тибқи талаботи стандарти давлатӣ дар таркиби шакар миқдори сахароза аз 99,7 фоиз набояд кам бошад. Алҳол сахарозаи таркиби маҳсулот аз 99,8 фоиз баланд аст. Дар корхона маҳсулоти шакар аз ашёи хоми найшакар тайёр карда мешавад. Ашёи хомро асосан аз Бразилия, Мексика, Аргентина дастрас менамоем.

– Бино ба маълумоти статистикӣ, эҳтиёҷи солонаи аҳолӣ ба шакар 650 тоннаро ташкил медиҳад. Дар мамлакат соли ҷорӣ ҳаҷми истеҳсоли шакар 720 ҳазор тоннаро ташкил кард, яъне нисбат ба соли гузашта 22 фоиз зиёд аст. Яъне, аз эҳтиёҷи аҳолӣ зиёд истеҳсол карда мешавад,– гуфт Р. Акбархӯҷаев.

Вақте вориди ошхонаи корхона шудем, коргарон хӯроки нисфирӯзӣ мехӯрданд. Аз имконият истифода бурда бо онҳо суҳбат оростем.

– Барои бурда овардани коргароне, ки аз масофаи дур меоянд, автобус ҷудо карда шудааст. Дар корхона ҳамаи шароит муҳайёст, хӯроки нисфирӯзӣ ройгон аст. Маошамонро саривақт медиҳанд, – мегӯяд коргари корхона Гулнора Аъзамова.

**Саодат БЕКНАЗАРОВА, хабарнигори “Овози тоҷик”.**
*Вилояти ТОШКАНД.*

*Тобистони хуррами бачаҳо*

***Пас аз фаро расидани таътили тобистона ҳар як бача мехоҳад дар истироҳатгоҳҳо истироҳат кунад. Маҳз ба туфайли коронавирус солҳои 2020-2021 истироҳатгоҳҳо фаъолият накарданд. Хушбахтона, соли ҷорӣ дар истироҳатгоҳҳои мамлакатамон ба мавсими таътили тобистонаи бачагон ҳамаҷониба омодагӣ дида шуд.***

# Таътил бофароғат мегузарад

Ба қарибӣ дар Иттиҳодияи касабаи вилояти Намангон бо иштироки вакилони иттиҳодияи касабаи вилоят ва ноҳияҳо, Садорати таълими халқи вилоят, собиқадорони меҳнат оиди ба истироҳатгоҳҳо гусел кардани бачагон чорабинӣ баргузор гардид.

Духтарон ва писарон ба автобусҳо савор шуда, роҳи истироҳатгоҳҳои ноҳияи Норин – «Норин», ноҳияи Янгиқӯрғон – «Камалак», ноҳияи Косонсой – «Соҳил», ноҳияи Чуст – «Баркамол авлод»-ро пеш гирифтанд.

– Дар мамлакатамон аз аввалинҳо шуда 4 истироҳатгоҳи вилоятамон 1200 нафар духтарону писаронро ба оғӯш гирифт. Рӯзҳои наздик дигар истироҳатгоҳҳо низ ба фаъолият шурӯъ мекунанд. Дар ин самт ҳамаи чорабиниҳои муфидро меандешем, – гуфт мутахассиси шуъбаи корҳо оид ба маънавият ва маърифат ва варзиши иттиҳодияи касабаи вилоят Дилшод Деҳқонов.

**А.МУРОДОВ, хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти НАМАНГОН.*

# ТУРФА ШОГИРДЕ, КИ БА ҲАЙРАТ ОВАРАД УСТОДРО

(Аввалаш дар саҳ.3).

– Солҳои тӯлонӣ бо Умедулло паҳлӯ ба паҳлӯ дар як даргоҳ кор кардем, – ин буд дебочаи сухани яке аз машъалони ҷабҳаи таълим И.Ҳусаинов. – Дар урфият мегӯянд: «Агар дар дег бошад, ба кафлес мебарояд». Ба ин маънӣ лаёқат ва фазилатҳои ӯ боис шуда, ки дар як муассисаи бонуфуз 27 сол аз вазифаи котиби иттифоқи ҷавонон то лавозими директори мактаб – дар зинаҳои мухталиф сермаҳсул ва бенуқсон фаъолият дошт. Ҳоло бо пешаи дӯстдоштааш – омӯзгорӣ сарукор дошта бошад ҳам, дар маҳалла шогирди одамшиноси каминаро чун ёвари беғараз эҳтиром мекунанд.

Адибаи хушсалиқа ва тарғибгари корҳои фарҳангиву эҷодии мактаб Ӯғилой Ҷӯрабоева нисбати ӯ фикрашро чунин иброз дошт:

– Чанде қабл моҳонаи фанни забон ва адабиёти рус, ҳамзамон семинари доимоамалкунандаи мактабҳои ноҳияи Узун дар мактаби мо, ки яке аз таълимгоҳҳои такягоҳӣ маҳсуб мешавад, таҳти сарпарастии Умедулло Бобоев бошукӯҳ, пурмазмун ва хотирмон сурат гирифт. Иштирокчиёни чорабинӣ ба қароре омаданд, ки таҷриба ва дастовардҳои илмию методии муаллимони пешқадам, дар мисоли Умедулло Бобоев, бо назардошти таваҷҷӯҳ ба омӯзиши забонҳои хориҷӣ дар муассисаҳои таълимии ноҳия бояд татбиқ карда шаванд.

– Устод дар тарбияи кадрҳои роҳбарикунандаи маърифатгоҳ, аз ҷумла камина, Т.Икромов, М.Субҳонова, М.Шодмонова, М.Кенҷаева, омӯзгорон А.Фаҳмаева, З.Худойбердиева ва намояндагони ҷабҳаҳои дигар нақши босазое дорад, – мегӯяд бо ифтихор ва қаноатмандӣ сарвари таълимгоҳ Неъматулло Ортиқов.

Дар ҳақиқат, аҳли ҷомеа ва атрофиёнаш устодро омӯзгори асил ва муваффақ меҳисобанд. Як далел ин аст, ки аз 43 нафар соҳибихтисос танҳо Умедулло ва чанд тани дигар пас аз назарсанҷишҳои гуногуни таълимӣ, ки мутасаддиёни Донишгоҳи давлатии омӯзгории Русия ба номи А.Герсин ташкил карда будаанд, ба унвони беҳтарин мутахассис ва донандаи забони русӣ сазовор дониста шудаанду бас. Баробари дастрасии шаҳодатномаи дараҷаи аввал подоши салоҳият ва истеъдод ба маоши муаллими соҳибтаҷриба ҳар моҳ тариқи имтиёз 50 фоиз музди иловагӣ пардохт карда мешавад.

### Сурат зебо, сират – дилкаш

Умедулло аз нигарониҳои мо доир ба баъзе камиву костиҳои кори таълим дар идораву муассисаҳои марбут, мушкилоти дар ин самт ҷойдоштаву омилҳои халалпазири он ва раванди ислоҳот нуқтаи назари хешро бо санаду фактҳои эътимодбахш собит намуд. Мегӯянд, ки «Шунидан кай бувад монанди дидан». Бори дигар шоҳид гардидем, ки муаллим диле доштааст поку беолоиш ва хайрхоҳ. Нисбати ҳаёт ва атрофиён хушбинона мулоҳиза меронад. Ӯ ҳампешааш Ҳ.Бековро педагоги корозмуда ва мураббии омӯзгорони ҷавон меҳисобад. Бо фараҳмандӣ арз мекард, ки М.Шодмонова, С.Содиқов ва Ф.Қудратов барин омӯзгорони забону адабиёт, математика ва забони англисӣ соҳиблаёқату заҳматпешаанд. М.Мизробов ва И.Шоймимов аз нигоҳи ӯ кадрҳои умедбахшанд.

– Бародархондам Абдуллои Сангин ба нафақа бароmaду ҷояш холист, – бо таассуф ёд мекунад Умедулло яке аз фидоиёни мактабу маорифро. – Охир, дар байни ҷомеа мавқеъ ва манзалате дошт. Дӯсти ҷавонмаргам Лутфуллои Алӣ бошад, мутахассиси забардасти забони русӣ ба ҳисоб мерафт. Дареғо, ӯро ояндаи хубу дурахшоне интизор буд.

Аз нигоҳи мусоҳибамон ҳатто кору шахсияти китобдори маърифатгоҳ дур наафтода буд. Ҳайрат ва рағбати моро пай бурд магар бо илтифот изҳори ақида кард нисбати Муслима Неъматова:

– Ин собиқадори меҳнат устоди касби хеш аст. Мекӯшад, ки дар баланд бардоштани сатҳи маънавияти насли ҷавон бештар саҳм бигузорад. Хоҳар, бонуи хушахлоқ, ҳалолпеша ва фидокор буда, ҷамоаи омӯзгорону хонандагон ва падару модарон ба ӯ арҷ мегузоранд.

– Баъди даргузашти қиблагоҳ чанд муддат кор пайдо карда натавонистам, – мегӯяд омӯзгори навпеша Умед Раҷабов. – Ташаккур ба устод Умедулло, ки дар тангдастӣ ба имдоди хонаводаи мо расиданд, дар роҳи ба амал татбиқ намудани донишҳои назариям имконият фароҳам оварданд.

– Устоди азиз, – бо суоли навбатӣ муроҷиат кардем ба Умедулло, – бигӯед, ки кадом тоифаи одамон ба табиати шумо созгор нестанд?

– Ба ростӣ, ҳавобаланду худхоҳ, хиёнатпешаву хушомадгӯй ва фиребгару танбалҳоро чандон намеписандам, – ҷавоб дод бо қиёфаи ҷиддӣ ҳамсуҳбатамон. – Иллат дар чӣ бошад, ки вақтҳои охир анбӯҳи чашмгурусна ва порахӯрҳо монанди зарпечак ҷомеаро як андоза осебпазир гардондаанд. Иддае аз онҳо дар маъракаҳо оиди некиву луқмаи ҳалол ба мардум ваъз мехонанду вале худ ғуломи нафсанд. Ба қавли Хоҷа Ҳофиз:

*Воизон ҷилва дар меҳробу минбар мекунанд,*
*Чун ба хилват меравand, он кори дигар мекунанд.*

Умедулло дар рафти суҳбат хотиррасон кард, ки шеваи гуфтору рафтор, хазинаи донишу таҷриба, сарвати бебаҳои олами маънавии устодонашро дар симову ботини аксарияти мураббиён ва омӯзгорони имрӯза намебинад.

– Шахсияти онҳо, аз ҷумла, шахсияти устоди меҳрубонам Қурбонмурод Азизов худ як мактаб аст, – бо қадршиносӣ зикр менамояд муаллими ботаҷриба. – Сарафрозам, ки банда дар чунин муҳити созанда ба воя расидам.

– Ману устод танҳо зиндагӣ мекунем, – мегӯяд ҳамсари Қ.Азизови 87-сола янгаи Ҳадича. – Фарзандону пайвандон, ҳамсояҳо, бисёре аз шогирдони муаллим хабаргирӣ меоянд. Лекин рӯзе нест, ки Умедулло занг зада, аҳвол напурсад. Ба аёдати мо зуд-зуд меояд. Ҳатто ба корҳои хоҷагиамон ёрӣ мерасонад. Хиҷолат мекашем. Дар ҳоле ки ба қавли Хоҷа Ҳофиз гоҳо ба мушоҳида мерасад:

*Ҳеч раҳме на бародар ба бародар дорад,*
*Ҳеч шафқат на падарро ба писар мебинам.*

Ӯ кӯмакашро аз мо дареғ намедорад. Ин иқдоми Умедулло шоистаи таҳсин аст. Шукр, ки сафи ин гуна инсонҳо кам нест. Чанде қабл устоди шоиртабъ Қурбонмурод Азизов таҳти унвони «Ёдам кунед» маҷмӯаи ашъори хешро баҳри шефтагони каломи бадеъ пешниҳод карда буд. Дар шеъри «Умеди ман», ки муаллим онро ба писархонди соҳибфазлу худшиноси худ Умедулло бахшидааст, меҳри падаронаи ӯ аз ҷумла ин гуна инъикос ёфтааст:

*Туӣ бар ҷону дил пайванд,*
*Бароям гаштаӣ монанди фарзанд.*
*Илоҳо зинда бошию саломат,*
*Касе чун ту надидам пурмуҳаббат.*

Мо бо табъи болида ва як олам таассурот бо ин инсони дарёдил худоҳофизӣ кардем.

Умедулло, ҳарчанд соҳиби ҷоизае нест, кору фаъолияти ибратпазираш аз назари соҳибмансабон ва шахсони ваколатдор дур мондааст, вале эҳтироми устодону шогирдон ва хурду калони маҳалла барои ӯ аз ҳар гуна мукофот болотар аст...

Шабонгаҳ. Умедулло Бобоев чун одат дар паси миз нишаста ба машғулоти навбатӣ омодагӣ мегирад. Мураббии мушфиқи сахтгир хуб медонад, ки фардо ӯро дар мактаб дастпарварони зираку доно ва ташнаи илм пешвоз хоҳанд гирифт.

**Ниёзмурод МУРОДОВ,**
*ноҳияи Узуни вилояти СУРХОНДАРЁ.*




*Дар шаҳри Нурафшон – маркази нави маъмурии вилояти Тошканд бинои шуъбаи вилоятии Иттиҳоди нависандагони Ӯзбекистон ба истифода супурда шуд. Маркази маънавият ва маърифат, ки низ ин ҷост, бо китобхонаи замонавӣ таъмин аст.*
***Дар сурат:** намуди бинои нав.*

***Суратгир:* Р. ГАЛЕЕВ.**

**Соли гиромидошти инсон ва маҳаллаи фаъол**

# ҚАДРИ ИНСОН – АЗ ҲАР ЧИЗ ВОЛО

***Ба ҳаштоду ҳафт даромадам. Вале ҳазорон шукр, худро бардам ҳис мекунам. Муҳимаш, дил ҷавон бошаду ирода мустаҳкам. Мешунидам, инсон ҳар қадар бузургсол шавад, ҳамон андоза ба зиндагӣ бештар дилбастагӣ ҳис мекунад, ба қадри ҳаёт мерасад. Рост будааст. Хусусан, ободгарӣ ва хуррамсозиҳои вақтҳои охир пирсолро дилҷавон месозанд.***

Ғайр аз ин мӯйсафедон дар мо – гули сари сабад. Дигар, дар ҷое пирон ҳастанд, дар он ҷо дуову фотиҳа, файзу баракат ҳаст. Бе онҳо пойдевори иморат гузошта намешавад. Ҳатто дар рафти ниҳолшинонӣ дуои пирон гирифтан ба ҳукми одат даромадааст. Тӯю хурсандӣ, азову мотам бе ширкати онҳо намегузарад.

Вақте дар деҳа бо эҳтиром “домулло” мегӯянд, лабрез мегардад қалбам аз ҳисси наҷиб. Пешаам – омӯзгорӣ. Солҳои зиёд дар мактаби таълими умумии рақами якум (дар собиқа дабистони рақами ёздаҳуми ноҳияи Риштон) чун муаллими синфҳои ибтидоӣ фаъолият бурдаам. Собиқадорони таълими халқ ҳамеша мавриди эътибор. Ману ҳампешаам Салоҳиддин Завҳаров, ки низ даври пирӣ ронда, аз расидан ба чунин рӯзҳои нек миннатдор аз қисмат аст, ҳаракат мекунем ба ҷойҳое, ки даъват мекунанд, равем. Сари як пиёла чой аз суҳбатҳои ҷонпарвар баҳра барем, лозим шавад насиҳат кунем ҷавононро, ҳидоят кунемашон ба роҳи рост. Хоҷа Ҳофиз фармуда:

*Насиҳат гӯш кун ҷоно,*
*ки аз ҷон дӯсттар доранд,*
*Ҷавонони саодатманд*
*панди пири доноро.*

Бачагию наврасиам ба давраи вазнини ҷанг ва солҳои душвори баъдиҷангӣ рост омад. Зиндагӣ он қадар вазнин, ки гоҳо ба мактабравӣ фурсат нест. Хурдсолон низ аз паи рӯзгор. Ҳанӯз бача будаму дар саҳро баробари калонсолон каланд мезадам. Чанд муддат ҳатто ҳисобдор таъин карда буданд. Кор аз “мӯйи сар” бисёр. Вале ҳаракат мекардам аз мактаб намонам, танҳо бо баҳоҳои чору панҷ хонам. Ортиқбой Ӯрунов, Муҳаммадхон Обидҷонов, Додомирзо Хидиров (равонашон шод бод) барин омӯзгорони азизам як даҳон таъриф кунанд ё дар саҳрову маҳалла бинобар дастёриам мӯйсафед ё калонсоле дуо кунад, мисле мукофот гирифта бошам, ба худ меболидам. Хидмати сесола дар артиш низ паси сар монд. Маҳале дар Институти давлатии омӯзгории Фарғона (1961-1965) мехондам, саъй менигарондам ба дигарон намуна бошам.

Донишкадаро хатм карда,- ба деҳа баргаштам. Дар мактабе, ки таҳсил гирифтаам, ба омӯзгорӣ шурӯъ намудам. Ташаббус ва навовариҳоям дар соҳа бо унвони “муаллим-методист” тақдир гашт. Он солҳо муаллимони пешқадамро ба соҳаҳои дигар ҷалб месохтанд. Ба рад кардани таклифҳо рӯям нашуд. Лозим омад дар солҳои гуногун ҳамчун котиби ҷамоати деҳоти Ровон, сарнозири шуъбаи таълими халқи ноҳияи Сӯх, мудири таъминоти иҷтимоии ноҳия, раиси ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи “Истиқлол” фаъолият барам.

Ба нафақа баромадам. Тавре мегӯянд, пирӣ низ давлат. Дар чойхонаи мӯйсафедон бо ҳамсолон сари як пиёла чой нишастан, барои ба ҳамин гуна рӯзҳо расонданаш шукри Офаридгор гуфта, рӯзҳои аз ин ҳам саодатнишонро орзу ва ҷавононро дуо кардан низ гашт доштааст.

Ибтидои тирамоҳи соли сипаришуда Президент бо барномаи қаблазинтихоботӣ вохӯриҳо доир намуд. Вақте дар Фарғона буд, маро гуфтанд: «шумо ҳам дар вохӯрӣ, ки ба тарзи онлайн баргузор мешавад, ҳамчун намояндаи Сӯх иштирок мекунед». Хуб гуфтам. Вале ба гӯшаи хаёл намеовардам ба назари Президент меафтам. Вақте навбат ба Сӯх расид, ҷонибам ишоракунон: “Отахон, сухан ба шумо”-гӯйии роҳбари давлатамон қалбамро ба ҳаяҷон овард. Мӯйсафед, зодаи масконе, ки бинобар ободгариҳо ба таври шинохтанашаванда тағйир ёфтааст, одатан чӣ мегӯяд? Миннатдорӣ изҳор мекунад, албатта.

Илова намудам, ки истироҳатгоҳҳо аз Сӯх дуртар, мушкилоти даро-баро дар ноҳияи сарҳадӣ ба ҳама маълум, мешавад, ки Сӯх низ истироҳатгоҳ дошта бошад?

Албатта, гуфт роҳбари давлат ва раиси Федератсияи иттиҳодияҳои касабавии ҷумҳуриро вазифадор сохт, барпои истироҳатгоҳи солимгардонии бачагонаро низ тезонад.

Ба наздикӣ ба ман ва истиқоматкунандаи деҳаи Қалъача Баёзиддин Зиёвиддинов, ки низ собиқадори таълими халқ аст, ба санаторияи “Чинобод-Плаза” ду роҳхати ройгон доданд. Ҳарду пойтахт омада ва дохили санаторияи навбудёд шуда, ростӣ, аз бархавоӣ, шукӯҳ, шароитҳое, ки дар ин ҷо фароҳам оварда шудаанд, ба ҳайрат омадем.

Тақрибан сӣ сол қабл дар Берлин шуда ва дар яке аз фароғатгоҳҳои он наздик як моҳ дам гирифта будам. Ҳамон ҷо дучор омада будам ин гуна шароитро.

Рӯзе телефонӣ хабар доданд дар Сӯх бахшида ба кушоиши истироҳатгоҳи солимгардонии бачаҳо чорабинии байналхалқӣ бо иштироки намояндагони се ҷумҳурӣ баргузор мегардад, бояд иштирок кунед. Гуфтам, ки ман дар “Чинобод-Плаза”, ҳоло муҳлати истироҳатам ба охир нарасидааст, чӣ хел мешавад? Гуфтанд мошин меравад, меораду баъди тантана боз бурда мемонад. Бе шумо намешавад...

Як ҳамин “бе шумо намешавад” медонед ба рӯҳияи як инсони оддӣ, ба рӯҳияи мӯйсафеди таҳи навад чӣ гуна таъсир кард. Инсоне, ки ба ҷамъият, ба одамон даркор будани худро ҳис мекунад, чӣ гуна хушбахт аст.

Ману Баёзиддинро ба Сӯх бурданд. Дар ҷараёни кушоиши истироҳатгоҳ бевосита ширкат ҷуста, ба шароитҳое, ки дар ин ҷо офарида шудаанд, шинос шудем: маркази маданият ва маърифати молик ба ҳар гуна қулайиҳо, маркази захира-ахбори замонавии бо дурдонаҳои адабиёт ғановатманд, хонаҳои бо воситаҳои лозимӣ муҷаҳҳаз барои гузаронидани маҳфилҳои гуногун, амфитеатри нимкушод, хонаи тиббиёт, ҳавзаи шиноварии ба талаботи стандартҳои ҷаҳонӣ ҷавобгӯ, хобгоҳ, фаввора, ошхона, хонаҳои шустуҷӯ ва ҳоказо, ки барои бачаҳо омода карда шудаанд.

Нафақат ман, ҳама мехост изҳорӣ миннатдорӣ созад ба Президент барои ин гуна эътибор. Воқеан барои фарзандонамон офарида шудани ин гуна фароғатгоҳи замонавиро орзу мекардем.

Чун собиқадори меҳнат ҳаминро низ илова карданиам, кулли навигариҳо дар соҳаҳои гуногун, ободгариву харрамсозиҳо, офариданни шароити мусоид барои зист ва фароғат дар навбати аввал ба баланд бардоштани қадри инсон нигаронида шудаанд.

**Субҳиддин ШАРОФИДДИНОВ, собиқадори таълими халқ.**
*Вилояти ФАРҒОНА.*

***Дар Донишгоҳи давлатии Самарқанд ба масъалаи омода намудани мутахассисони соҳаҳои гуногун эътибори ҷиддӣ дода мешавад.***

# Комёбии муҳаққиқони ҷавон

Аз ҷумла, дар факултаи филология дар қатори масоили дигар, тадқиқу баррасии паҳлӯҳои умдаи соҳаи забон ва адабиёти тоҷик низ хуб ба роҳ монда шудааст. Раванди дифои кори илмии донишҷӯёни зинаи магистратура исботи ин гуфтаҳо мебошад.

Магистрҳо Азиза Шукурова дар мавзӯи «Таҳлили лексикӣ – семантикии вижагиҳои мардумшиносӣ дар гӯйиши тоҷикони ноҳияи Сариосиё», Ҷаҳонгир Нуруллоев дар мавзӯи «Тарзи таълими воҳидҳои наҳвӣ дар мактабҳои таълими ҳамагонӣ», Шералӣ Шавкатзода – “Мавқеи Насируддини Тӯсӣ дар таҳаввули илмӣ бадеъ», Лола Ҳасанова – «Лексикаи бинокорӣ дар гӯйиши тоҷикони Самарқанд» корҳои илмии худро баррасӣ карданд.

– Мо комёбии худро самараи меҳнати устодоне, ки ба мо сабақ омӯзондаанд, меҳисобем ва аз онон хеле сипосгузорем. Дар оянда мекӯшем, ки корҳои илмии худро идома дода, баҳри пешравии самти филологияи тоҷик саҳми сазовор гузорем, – гуфт Азиза Шукурова.

**Асалой САРХАТЗОДА, донишҷӯи Донишгоҳи давлатии Самарқанд ба номи Шароф Рашидов.**

***Зимни сафари матбуотӣ рӯзноманигорон аз ҷараёни корҳои сохтмон, таъмиру тармими бинои таълимӣ ва хобгоҳи филиали Донишгоҳи Федералии Қазон дар Ҷиззах ошноӣ пайдо намуданд.***

# САФАРИ ЖУРНАЛИСТОН БА ФИЛИАЛИ ДОНИШГОҲ

Директори иҷрогари донишгоҳ Озод Бобомуродов ба иштирокчиёни конфронси матбуот маълумот дода, гуфт, ки филиали Донишгоҳи федералӣ дар асоси Қарори Президент «Дар бораи чораву тадбирҳои ташкил намудани фаъолияти филиали Донишгоҳи федералии Қазон дар шаҳри Ҷиззах» аз 28 августи соли 2021 созмон дода шудааст. Ҳоло, ки корҳои таъмиру тармим ҷараён доранд, дар бунёду сохтмони он ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Fayz Baraka Klassik» пудратчии асосӣ маҳсуб меёбад. Ҳаҷми умумии корҳои сохтмон13 миллиарду 763 миллион сӯмро ташкил медиҳад.

Ба рӯзноманигорон дар фарҷоми сафар ва конфронси матбуот дар бораи самтҳои асосии таълим, миқдори умумии пули қарордод ва ғайра маълумот доданд.

**Анорбой НАЗАРОВ, хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти ҶИЗЗАХ.*

**Тобистони хуррами бачаҳо**

# ҲАЁТИ ПУРОБУРАНГИ ХУРДСОЛОН

***Бо фаро расидани тобистон фароғатгоҳҳои зиёд мактаббачагон ба канор мекашанд. Имсол низ дар вилояти Фарғона барои истироҳати хуб, солиму бақувват шудани онҳо шароити мусоид фароҳам оварда шудааст. 17 фароғатгоҳи замонавии статсионарӣ дар хидмати наврасони ин вилоят қарор доранд. Базаи моддӣ ва техникии ин фароғатгоҳҳо куллан ҷавобгӯи давру замон мебошад.***

Фароғатгоҳи «Нилуфар»-и ноҳияи Данғара, «Юлдуз»-и ноҳияи Олтиарик, «Қалдирғоч»-и ноҳияи Қува, «Ёшлик»-и ноҳияи Фурқат ва амсоли он аз шумори чунин фароғатгоҳҳо номбар мешаванд. Тобистони соли равон дар маҷмӯъ 11 ҳазор кӯдакону наврасони вилоят дар панҷ баст озими ин фароғатгоҳҳо хоҳанд шуд. Интизор меравад, ки танҳо басти якум 2 ҳазору 800 нафар мактаббачагонро қабул хоҳад кард.

Гузашта аз ин, 123 фароғатгоҳи тобистона барои пазироии 21 ҳазору 500 нафар бачаҳо омода мебошад. Дар ин фароғатгоҳҳо низ бо дарназардошти тақсимбандии бастҳо наврасон бонавбат рафта истироҳат мекунанд ва давраи солимгардониро сипарӣ мекунанд.




Тавре ки мутасаддиёни бахши вилоятии Федератсияи иттифоқҳои касабаи Ӯзбекистон мегӯянд, дар фароғатгоҳи «Ниҳол»-и шаҳри Қувасой дар доираи 5 ташаббуси муҳим 8 маҳфил фаъолият мекунад. Басти аввал зиёда аз 170 нафарро дар гурӯҳҳои санъати тасвирӣ, забони англисӣ, шоҳмот, футбол ва волейбол фаро мегирад. Онҳо дар ин маҳфилҳо маҳорати худро такмил медиҳанд.

Ногуфта намонад, ки бачаҳо дар хобгоҳҳои муҷаҳҳазу замонавӣ ба сар мебаранд ва аз хидмати ошпазҳои варзида баҳраманд мегарданд.

**Мирасрор АҲРОРОВ, мухбири “Овози тоҷик”.**
*Вилояти ФАРҒОНА.*

Овози тоҷик

МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ

Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.

***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.

ISSN 2010-7757

Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-625. Адади нашр 4812 ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ. Усули нашр — офсет, андозаи А-2.

1 2 3 4 5 6

Суратҳисоби мо дар бонк:
С/Ҳ 20212000300101767001, МФО 00417. Филиали Автотранспорти бонки ДСТ-и «ASAKA» дар шаҳри Тошканд.

Муҳаррири навбатдор:
М. Шодиев.
Мувофиқи ҷадвал — 21.30
Ба чоп супурда шуд — 01.30

**Нишонии мо:**

**100000 ш.Тошканд, кӯчаи Матбуотчилар, 32.**

Телефонҳо: қабулгоҳ : 233 - 82 - 83; Котибот 233 - 83 - 35. Факс: 233-57-30.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.